Во втором параграфе пятой главы ***«Внедоговорная ответственность за нарушение законодательства в сфере инвестирования»***, рассматриваются вопросы внедоговорной ответственности в инвестиционном правоотношении. Соискатель отмечает, что ответственность называется внедоговорной, если отсутствует правовая связь между ее участниками до ее возникновения, т.е. обязательства, не основанные на договоре, и, как правило, предпосылкой их возникновения является акт причинения вреда. Поэтому, для возникновения внедоговорной ответственности в сфере инвестиционной деятельности, необходимо наличие условий, каковыми являются: 1) противоправное поведение; 2) наличие вреда; 3) причинная связь между противоправным поведением и возникшим отрицательным результатом; 4) вина. В этой связи диссертантом обосновывается специфическое преломление общих оснований гражданско-правовой ответственности. Доказывается, что преимущественным является противоправное поведение, ибо с отсутствием этого условия, речь не может идти об ответственности в инвестиционных правоотношениях.

Третий параграф пятой главы «***Порядок рассмотрения инвестиционных споров»,*** анализирует механизмы рассмотрения инвестиционных споров. Степень инвестиционной привлекательности государства, принимающего инвестиции, зависит от нескольких факторов, в том числе от порядка разрешения инвестиционных споров. Особенно в этом заинтересованы иностранные инвесторы, для которых в Республике Таджикистан установлен национальный режим. Для того чтобы быть субъектом инвестиционного спора, участники инвестиционных отношений должны обладать: **во – первых,** статусом инвестора; **во-вторых,** вложить инвестиции в экономику Республики Таджикистан и **в - третьих,** осуществлять инвестирование. Законодательное определение понятия инвестиционного спора проливает свет на сущностные критерии инвестиционного спора - как конфликта,

возникающего между участниками инвестиционных отношений. Однако понятие инвестиционного спора, закрепленное в Законе Республики Таджикистан «Об инвестициях», дает нам основание считать, что данное определение понятия не лишено недостатков. Из законодательного определения понятия инвестиционного спора вытекает, что инвестиционный спор возникает между участниками инвестиционной деятельности, при осуществлении инвестирования. В действительности это так. Однако инвестиционный спор между участниками инвестиционных отношений может возникнуть и до осуществления инвестирования. Например, с решением вопроса о допуске иностранной инвестиции к осуществлению инвестиционной деятельности, с определением объекта, куда вкладывается инвестиция, во время составления проекта инвестиционного договора. Как правило, в данных ситуациях между инвестором, независимо от того, иностранный он или отечественный, возникает правоотношение, направленное на заключение предстоящего инвестиционного договора, то есть речь должна идти о переговорах между участниками инвестиционного процесса по поводу вложения инвестиций. На наш взгляд, в этой стадии отношений между сторонами инвестиционных отношений пока отсутствует осуществление инвестиционной деятельности со стороны инвесторов, поскольку еще не определён и в то же время не решен механизм вложения инвестиций. Поэтому из вышеизложенного вытекает, что инвестиционный спор может возникнуть и до начала осуществления инвестиционной деятельности.

В этой связи соискателем выносится на защиту авторское определение понятия инвестиционного спора: «**инвестиционный спор – это конфликт, основанный на инвестиции**, **субъектами которого признаются инвестор и государство-реципиент, в том числе и другие участники инвестиционных отношений, связанные с подготовкой, заключением и надлежащим исполнением инвестиционного договора, направленного на реализацию инвестиционного проекта».**

В ***заключении*** излагаются итоги диссертационного исследования и предложения соискателя, направленные на совершенствование гражданского Республики Таджикистан.

## Основное содержание диссертации нашло отражение в следующих публикациях автора

### I.Учебник

1. БозоровР.Б. Инвестиционное право. Душанбе:Матбуот,2008.-479с.(30п.л.).

### II.Монография

1.Бозоров Р.Б.Правовое регулирование инвестиционных отношений. -Душанбе: типография ТНУ,2012.-218с.(10п.л.).

### III.Научные статьей, опубликованных в журналах, рецензируемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

1.Правовые проблемы инвестиционной поддержки малого и среднего бизнеса в РТ. // Вестник ун-та, №2-С.49-53,- Душанбе,2002.

2. Метод правового регулирования Инвестиционного права. - Душанбе, //Вестник Таджикского Национального Университета.3/4(90) 2012.

3.Формирование Инвестиционного права. - Душанбе, //Вестник Таджикского Национального Университета.3/4(90) 2012.

4.Правовое регулирование инвестиций в отдельных сферах экономики. Душанбе // Вестник Таджикского Национального Университета.3/1(128). 2014.

5.Классификация инвестиционных правоотношений.//Вестник Таджикского национального университета.3/3(166).2015.

6.Динамика инвестиционных правоотношений.//Вестник национального университета.3/4(170).2015.

7.Двусторонние соглашения «О поощрении и взаимной защите инвестиций».//Вестник национального университета.3/6(176).2015.

8.Развитие законодательства Республики Таджикистан об инвестициях: проблемы реализации. //Вестник Пермского Университета 2015. Выпуск3(29).с.39-47: проблемы реализаций.

9. Значение инвестиций в приоритетных секторах экономики. //Вестник Университета№3(50)2015г. стр.22-26.

10. Место инвестиционного права в системе права Республики Таджикистан. //В мире научных открытий.№5(65).2015. С.514-518.

11.Сущность института инвестиций. //Известия Сочинского Государственного Университета.№2(35)июнь 2015.С.28-31.

12.Правовая природа инвестиционной деятельности. «В мире научных открытий». №5. (65). 2015г. С.518-524.

13. Инвестиционная и предпринимательская деятельности: сходства и различия.//Вестник национального университета.3/5(173).2015.

14. Совершенствование понятия инвестиций по законодательству Республики Таджикистан. Вестник Таджикского национального Университета №2/3(201).2016г.с.195-199.

15.Взаимодействие внутреннего и международного правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан. Вестник Таджикского национального Университета.№2/2(197).2016г.с.176-179.

## IV.Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно-практических изданиях

1. Порядок определения объема и размера возмещения вреда. //Государство и Право.№3.1998. -С.47-54, Душанбе.

2.Место гражданского Кодекса Республики Таджикистан в переходной период рыночной экономики. //Гражданское право Республики Узбекистан за десять лет её независимости: материалы Международной научно- теоретической конференции. – С.90-94.-Ташкент, 2001.

3.Некоторые вопросы субъектов инвестиционной деятельности.//Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 10-летию 16 сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 12-го созыва. -С.146-147.- Душанбе,2002.

4.Некоторые проблемы совершенствования законодательства.//Труды Академии/МВД. –Душанбе ,2012.С.135-139.

5. Договор концессии в системе мер по рациональному использованию водных ресурсов.//Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной международному году пресной воды «Человек и вода: история развития, настоящее и будущее».-С.142-143. - Душанбе,2003.

6.К вопросу о совершенствовании проекта Закона РТ «Об инвестиции».//Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «15-й годовщине Независимости Республики Таджикистан».-Душанбе,2006.С.99-100.

7.Концепции Инвестиционного права в цивилистической науке. //Материалы научно-теоретической конференции профессорско-

преподавательского состава и студентов. Часть2.- Душанбе.2007.С.236-237.

8.Гарантии защиты прав человека-инвестора.// Государство и право №3. 2007-С.47-49.

9.Понятие инвестиции и инвестиционной деятельности.//Проблемы международного публичного и частного права: теория и практика.2008.-С.121-126.-Душанбе.

10.Национальное и международное правовое регулирование инвестиций. //Государство и право.№3.2008.-С.32-39.

11.Частно-правовое регулирование инвестиционных отношений. //Проблемы развития гражданского законодательства РТ. Материалы научно-практической конференции. Душанбе,2009.-С.370-384.

12.Инвестиционная деятельность в сфере недропользования. //Государство и право.№2.-Душанбе,2008. С.100-101.

13.Правовые проблемы разрешения инвестиционных споров в Республике Таджикистан. //Вестник Института законодательства Республики Казахстан №1 (21) 2011.-С.77-80.

14.Правовая природа инвестиционного договора. //Государство и право №1 2012, -С.76-82

15.Соотношение международного и национального законодательства об инвестиции.//НакшиКонститутсия дар инкишофисохахоихукук дар ЧумхурииТочикистон.(Маводхоиконфронсиилми–назариявибахшида ба 17-солгарди кабулиКонститутсияиЧумхурииТочикистон) - Душанбе,2012.-С.52-60.

16.Классификация инвестиционных договоров. //Обзор законодательства Узбекистана.№1,Ташкент,2012-С.27-31.

17. К вопросу о совершенствовании правовых гарантий субъектов инвестиционной деятельности по законодательству Республики Таджикистан. Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы, посвященная научной деятельности заслуженного юриста Республики Таджикистан, выдающегося ученого, доктора юридических наук, профессора Ш.Менглиева. Международная научно – практическая конференция. Душанбе.2015.-С.21-27.

18.К вопросу о правовой защите инвестиций по законодательству Республики Таджикистан. Развитие судебного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан. Душанбе 2015.С.151-158.

19.К вопросу о государственных гарантиях в сфере трудовых отношений./Государствоведение и права человека.1(01) выпуск2016.Стр.130-134.

20.К вопросу о частноправовых и публично-правовых механизмах регулирования инвестиционных отношений. Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. Душанбе. 2016.Стр.393-398.

21.Кодификация нового трудового законодательства Республики Таджикистан./Правовая жизнь№3(15)2016.Стр.138-143.

22.К вопросу о трудовых отношениях инвестора с работниками предприятий с иностранными инвестициями./Правовая жизнь. №1(13)2016.Стр.109-114.

23.Правосубъектность в инвестиционных правоотношениях/Право современного Таджикистана. (Сборник научных трудов) Часть3.Под ред. д-ра юридических наук, профессора Рахимзода М.З.Душанбе 2016.С.225-237.

24.Динамика инвестиционного законодательства Республики Таджикистан./Правовая жизнь.№1(17)2017.Стр.125-133.

25.Вклад Лидера нации Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в формировании и развитии законодательства республики об инвестициях.//Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Лидер нации Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон основатель предпринимательского и туристического законодательства» посвященной Дню Президента Республики Таджикистан. Душанбе.2017.Стр.24-31.

## Аннотация
## на диссертацию Бозорова Раджаба Байназаровича на тему: «Теоретические проблемы правового регулирования инвестиции в Республике Таджикистан: концепции и правоприменение», представленной на соискание ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.03.-гражданское право; семейное право; предпринимательское право; международное частное право

Диссертация Бозорова Раджаба Байназаровича посвящено к вопросам правового регулирования инвестиции, от позитивного их решения зависят нормальное функционирование национальной экономики, так как перспектива ее развития непосредственно зависит от

степени урегулированности отношений, возникающих в инвестиционной сфере. Однако с теоретической стороны глубокого и обстоятельного анализа этой правовой проблемы, подчеркивает, диссертант не было проведено, более того, многие вопросы правового регулирования инвестиций остались неисследованными, что требует адекватного их разрешения. Диссертант отмечает, что с привлечением инвестиций разрешаются вопросы как экономического, так и социального характера, потому что инвестиций, по мнению диссертанта - это дополнительные ресурсы, прежде всего это новое оборудование, техника и технологии, вместе с тем посредством их вовлечения создаются новые рабочие места, решаются вопросы, связанные с обеспечением занятости населения. Поэтому в условиях рыночных отношений привлечение инвестиции, приобретает актуальное значение для экономики Республики Таджикистан, если не основное. В диссертации анализируется правовая природа и факторы, определяющие инвестиции. Рассматриваются динамика инвестиционных правоотношений, субъекты и объекты инвестиционного правоотношения. Дается теоретическое определение понятий, таких как: »инвестиции», »инвестиционное деятельность», »инвестиционные договоры», »инвестиционные споры», и ставится ряд проблем, требующих научного обоснования. В заключении диссертант вносит предложений направленное на совершенствованию гражданского законодательства Республике Таджикистан.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Бозоров Раҷаб Байназарович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо ва ҳуқуқтатбиққунӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Рисолаи доктории Бозоров Раҷаб Байназарович ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ бахшида шудааст. Масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳаллу фасли мусбати он сатҳи муътадили иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад, зеро дурнамои рушди он аз дараҷаи танзимнамоии муносибатҳое вобаста аст, ки дар муҳити сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд. Рисолаи мазкур ба ин масъала бахшида шуда, муаллиф

ҷанбаҳои назариявии танзими ҳуқуқии сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар рисола мафҳум, фаъолият, муносибатҳо, баҳсҳо ва шартномаҳои сармоягузорӣ таҳлил гардида, таснифоти он гузаронида шудааст. Унвонҷӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ субъект ва объектҳои муносибатҳои сармоягузориро муайян кардааст. Ҳамзамон кафолатҳои фаъолияти сармоягузориро таҳқиқ намуда, онҳоро ба миллӣ ва байналмилалӣ ҷудо намудааст. Ба андешаи муаллиф зимни фаъолияти сармоягузорӣ санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонида, барои танзими ин муносибатҳо хеле самаранок мебошанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ на танҳо рушди иқтисод, балки ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ бевосита ба ҷалби сармоя алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф тавассути ҷалби сармоягузорӣ масъалаҳои хусусияти ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоидошта ҳаллу фасл мегарданд. Сармоягузорӣ захираҳои иловагие ба ҳисоб меравад, кибарои рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд. Ба қатори онҳо таҷҳизот, техника ва технологияи нав дохил шуда, ҳамзамон, бо ҷалби он ҷойҳои нави корӣ созмон дода шуда, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ бо шуғл ҳаллу фасл карда мешаванд. Бинобар ҳамин, дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ҷалби сармоягузориҳо барои давлати сармояқабулкунанда яке аз масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар рисола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти сармоягузориро таҳлил намуда, ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузориро аз лиҳози илмӣ асоснок намояд.

## Annotation

To dissertation of Bozorov  Radjab Baynazarovich on the theme of: “The theoretical issues of the legal regulation of investment in Republic of Tajikistan : conceptions and law enforcement", offered for degree of doctor of legal sciences presented for specialty 12.00.03.-civil Law; family law; entrepreneurial  Law; International private law

The dissertation of Bozorov Rajab Baynazarovich deals with issues about legal regulations of investment, according to the author’s opinion the stated belongs to the list of identifying  its positive solutions and normal functioning of national economy depends on their solutions, as the perspectives of its development directly correlates to the level of regulation of relations in investment field.   However from theoretical point of view author claims that a deep and substantial analysis has not been conducted, moreover most of legal regulation of investment issues remain not researched, which requires an adequate solution.  The author states that at-

tracting investments not only solves economical issues but also social issues, because according to the author's opinion investments are additional resources, first of all it is new equipment, technology, along with which, by means of their attraction, new jobs are created and problems related to public employment are solved. Therefore, in market relation conditions attracting investment gains significant, if not the main meaning for the economy of Republic of Tajikistan.  The dissertation analyses the legal nature and the factors defining investment. The dynamics of investment legal relationship, subjects and objects of investment legal relationships are considered. The theoretical definition of the following words are given: "investment", "investment activities" "Investment contracts" "investment legal disputes", and variety of problems requiring scientific justification are shown. In conclusion, author exhibits a suggestion aimed at perfection of civil legislation of Republic of Tajikistan.

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОЗОРОВ РАҶАБ БАЙНАЗАРОВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: КОНСЕПСИЯҲО ВА ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ

**12.00.03- ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**Душанбе-2018**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мушовири илмӣ**: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон,
Ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи Ҷумҳурии
Тоҷикистон,
**Менглиев Шомурат**
Узви вобастаи Академияи илмхои
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Арбоби илм ва техникаи
Тоҷикистон
**Раҳимзода Маҳмад Забир**

**Муқарризони расмӣ**: Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ,
профессор
**Махмудзода Махкам Азам**
Доктори илмхои хукук, профессор
**Самархучаев Ботир Билолович**
Доктори илмхои хукук, профессор
**Карагусов Фархад Сергеевич**

**Муассисаи пешбар: Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия ____ ___________ соли 2018, соати ____ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 002- и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.
Бо диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.
Автореферат «____» ........................соли 2018 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, доктори илмҳои**
**ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода Убайдулло Абдулло**

## ТАФСИФИ УМУМИИ ДИСЕРТАТСИЯ

**Мубрам будани таҳқиқот**. Масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ба гурӯҳи муайянкунандаҳо дохил шуда, аз ҳаллу фасли мусбии он кору фаъолияти муътадили иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад, зеро дурнамои рушди он бевосита аз дараҷаи танзимнамоии муносибатҳое вобаста аст, ки дар муҳити сармоягузорӣ ба амал меоянд. Барои ҳамин бо гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дар пеши Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди ватанӣ ба таври ҷиддӣ пеш омад.

Тавассути ҷалби сармоягузори масъалаҳои хусусияти ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоидошта ҳаллу фасл мегарданд, зеро сармоягузорӣ - ин захираҳои иловагианд, пеш аз ҳама, ин таҷҳизот, техника ва технологияи нав буда, ҳамзамон, бо ҷалби он ҷойҳои нави корӣ созмон дода шуда, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ бо шуғл ҳаллу фасл карда мешаванд. Барои ҳамин дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ҷалби сармоягузориҳо барои давлати сармоя қабулкунанда ба мисли масъалаи аввалиндараҷа, аҳамияти муҳим касб мекунад.

Оид ба зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва аҳамияти онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр намудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 зикр гардидааст, ки соҳибкорон ва сармоягузорон дар амалисозии афзалиятҳои аз ҷониби Ҳукумат муайянгардида, махсусан оид ба рушди босуботи иқтисодӣ, воридоти технологияи ҳозиразамон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзудани даромадҳои аҳолӣ фаъолона ширкат меварзанд (Эмомалӣ Раҳмон).

Зикр кардан бамаврид аст, ки сармоягузорон ба иқтисоди давлати қабулкунанда он замоне сармоягузорӣ менамоянд, ки давлат сиёсати дарҳои кушодро пеш мебарад ва фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам меорад, ки он боварию эътимоди сармоягузоронро дар ҳифзи сармояи онҳо таъмин месозад. Барои ҳамин сармоягузорон, махсусан сармоягузорони хориҷӣ, пеш аз таҳвил намудани сармояи худ ба иқтисоди давлати дигар, вазъи қонунгузории он, махсусан дар самти сармоягузориро мавриди таҳлил қарор медиҳанд ва танҳо баъди ин дар бораи гузоштани сармоягузорӣ қарор медиҳанд.

Ташаккули қонунгузории сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври воқеӣ танҳо бо ба истиқлолияти давлатӣ ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид. Дар марҳилаи гузашта аз соли 1991 то ба имрӯз як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидаанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии ба бозор нигаронидашударо танзим менамоянд, ки дар онҳо ҷойи махсус ба танзими ҳуқуқии сармоягузориҳо вогузор шудааст. Зарурат ба таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба бозор нигаронида шудаанд, бо он асоснок карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, бо мақсади ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷомеаи башарӣ, ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ самт гирифтааст, ки барои амалисозии он ҷалби маблағҳои иловагӣ зарурат дорад.

Омили мусбате, ки ба ҷалби сармоягузориҳо таъсир мерасонад, ба таври расмӣ ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) аз 10 декабри соли 2012 мебошад. Ҳамроҳшавӣ ба СҶС маънои онро дорад, ки сармоягузорони хориҷӣ дар бозори дохилии ҷумҳурӣ ба таври фаъол кору фаъолият хоҳанд кард. Миёни ширкатҳои хориҷӣ ва сармоягузорони ватанӣ рақобат мефазояд, ки дар натиҷаи он пастравии нархи молу маҳсулоти истеҳсолшаванда ба амал хоҳад омад. Барои ҳамин ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҶС барои иқтисоди кишвар мусбат арзёбӣ мешавад, зеро фазои сармоягузорӣ беҳтар гардида, имкониятҳои иловагии ба иқтисоди мамлакат ҷалб гардидани таҷҳизоти ҳозиразамон ва технологияи нав ба вуқуъ мепайвандад.

Вале ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҶС сармоягузорони ватаниро дар ҳолати ногувор низ мегузорад. Сухан ин ҷо оид ба рақобат миёни молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва ширкатҳои хориҷие меравад, ки дар кишварамон сармоягузорӣ мекунанд. Ширкатҳои хориҷӣ бо таҷҳизот ва технологияҳои ҳозиразамон муҷаҳҳазанд, ки онҳо мутаассифона, дар сармоягузорони ватанӣ вуҷуд надоранд. Баъдан, хатаре низ мавҷуд аст, ки ширкатҳои хориҷӣ метавонанд истеҳсолкунандаи ватаниро аз бозори дохилии мамлакат танг карда бароранд ва худашон ҳукмфармоӣ намоянд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ҳам бо қонунгузории миллӣ ва ҳам байналмиллалӣ амалӣ мегардад. Моҳияти аввалӣ дар он аст ки ба тамоми сармоягузорон, новобаста аз мамлакати баромади сармоя, қонунгузории дохилии давлати қабулкунандаи (ресипиенти) сармоя паҳн мегардад.

Вобаста ба ин, барои таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ ва амалисозии сиёсати давлат дар соҳаи сармоягузорӣ танзими миллӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ чун масъалаи аввалиндараҷа, аҳамияти бузурги амалӣ дорад. Вале ин барои сармоягузорони хориҷие басанда нест, ки дар ҳудуди мамлакати дигар сармоягузорӣ мекунанд. Барои онҳо танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ нисбатан мусоид арзёбӣ мегардад. Моҳияти ҳуқуқии танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ аз он иборат аст ки он стандарти ҳуқуқие мебошад, ки танзими якмароми ҳуқуқиро бо унсури хориҷӣ таъмин месозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ новобаста аз мамлакати баромади сармоя – ҳам миллӣ ва ҳам хориҷӣ ба таври баробар танзим менамояд. Акнун сармоягузорон новобаста аз географияи мансубияти сармоя аз кафолатҳо ва бартариятҳое (преференсияҳое) истифода мебаранд, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд ва онҳо ба таври пурра на танҳо ба манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ, балки ватанӣ низ мувофиқанд.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ**. Оид ба дарки илмии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаҳмонидани муқарраροти онҳо ба қишрҳои васеи аҳолӣ олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли А.Г. Богатирёв, М.М. Богуславский, В.А. Бублик, В.В. Гушин, Н.Г. Доронина, Ф.С. Карагусов, В. Кирин, К.Л. Лабин, В.Н. Лиситса, Ш.М. Менглиев, А.В. Майфат, К.С. Мауленов, А.А. Овчинников, Раҳимзода М.З, Н.Г. Семилютина, М.К. Сулейменов, Б.Б. Самархоҷаев, И.З. Фархутдинов, Т.В. Шадрина ва ғайраҳо фикру андешаҳо рондаанд.

Вале ҷанбаи назариявии таҳлили амиқ ва муфассали таҳлили ин масъалаи ҳуқуқӣ ба ҷо оварда нашуда буд, зиёда аз ин, бисёр масъалаҳои танзим ҳуқуқии сармоягузорӣ таҳқиқношуда боқӣ мондаанд, ки ин ҳаллу фасли мувофиқи онҳоро тақозо мекунад, ки рисолаи мазкур маҳз ба ҳамин бахшида шудааст. Аз ин ки дар шароити бозор на танҳо рушди иқтисод, балки ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври бевосита ба ҷалби сармоя алоқаманд аст, пас интихоб ва ё шакли дигар дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аслан вуҷуд надорад.

**Объект ва предмети таҳқиқот**. Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорие мебошанд, ки дар ҷараёни

татбиқи сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меоянд. Предмети (мавзӯи) таҳқиқот меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузориҳои ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллие мебошанд, ки муносибатҳои сармоягузориро танзим менамоянд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади кори илмӣ дар он аст ки аз ҷиҳати назариявӣ вазъи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ва ҳангоми зарурат ба қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Барои расидан ба мақсади дар боло зикргардида дар кори илмӣ **вазифаҳои** зерин гузошта ва ҳаллу фасл гардидаанд:

- муайян кардани мафҳум ва табиати ҳуқуқии сармоягузорӣ, ошкор кардани моҳияти меъёрҳо, ба ҷо овардани таснифоти мутобиқи онҳо;
- таҳлил ва муайян кардани мафҳум ва конструксияи фаъолияти сармоягузорӣ;
- тавсифи ҷараёни рушди муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ва таснифоти онҳо, нишон додани хусусиятҳои онҳо;
- омӯзиши мақоми ҳуқуқии ширкаткунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ;
- таҳқиқ кардани объектҳои муносибатҳои сармоягузорӣ вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ҳам дар танзими ҳуқуқи миллӣ ва ҳам байналмиллалӣ, таҳлил кардани таърифи онҳо;
- гузаронидани таснифоти санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ;
- маънидод кардани ҳамкории мутақобилаи танзими ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ;
- таҳлил намудани моҳияти кафолати ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби сармоягузорон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд ва кушодани муҳтавои онҳо;
- муайян кардани табиати созишномаҳои сармоягузорӣ, тафовути онҳо аз шартномаҳои дигар, ки дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудаанд;
- ҷудо кардан ва таҳқиқ намудани намудҳои асосии шартномаҳои сармоягузорӣ;

- ошкор намудани хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ;

- таҳлил намудани хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ғайришартномавӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ;

- ошкор кардан ва муқоиса намудани асосҳо, шартҳо ва шаклҳои ҷавобгарии тарафҳо дар муносибатҳои сармоягузорӣ;

- коркард намудани пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот**. Асоси назариявии таҳқиқоти илмӣ корҳои илмии олимони ватанӣ ва ҳамчунин хориҷӣ мебошанд, ки бо мавзӯи кори диссетратсионӣ робитаи бевоситаи ҳуқуқӣ доранд. Муаллиф ҳангоми навиштани кори илмӣ ба асарҳои ҳуқуқшиносони зерин бевосита такя намудааст: О.М. Антипова, В.С. Белих, А.Г. Богатирёв, М.М. Богуславский, В.В. Витрянский, Н.Н. Вознесенская, Ш.К. Ғаюров, В.В. Гушин, Н.Г. Доронина, С.Е. Донсов, К.М. Илясова, Ф.С. Карагусов, А.В. Кирин, С. Крупко, Н.В. Кусяпова, Д.К. Лабин, В.Н. Лиситса, А.В. Майфат, К.С. Мауленов, Ш.М. Менглиев, С.П. Мороз, В.П. Мозолин, А.А. Овчинников, В.А. Ойгензихт, А,А. Попондопулло, Х.А. Раҳмонқулов, Раҳимзода М.З, Б.Б. Самархоҷаев, Н.Г. Семилютина, П.В. Суханов, М.К. Сулейменов, В.А. Трапезников, Ш.Т. Тағойназаров, И.З. Фархутдинов, Т.В. Шадрина ва ғайраҳо.

**Асоси амалӣ** дар навиштани кори таҳқиқотиро муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷаи наздик дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, муқаррароти санадҳои байналмилалии меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба соҳаи сармоягузорӣ дахл доранд, ташкил менамоянд.

**Асоси методологии таҳқиқот**. Ҳангоми навиштани кори илмӣ ҳам тарзҳои умумиилмии дониш – таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, таҷрид, гузариш аз муҷаррад ба аниқ, таҳлили системавӣ ва ғ., аз ҷумла, тарзҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ – расмӣ – ҳуқуқӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурда шудаанд.

**Навгонии илмӣ ва арзиши амалии таҳқиқот**. Навгонии илмии кори илмӣ дар он аст ки дар ҷумҳурӣ чунин таҳқиқот дар сатҳи диссертатсионӣ маротибаи аввал гузаронида мешавад. Муаллиф дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари олимони пешбарандаи адабиёти ҳуқуқ, кӯшиш намудааст, ки мавқеи шахсии худро оид ба муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ ифода намуда, конструксияи онро ошкор созад. Ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузорӣ ва сохтори шартномаҳои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд. Зарурати таҳким бахшидани муайянкунии мафҳуми шартномаҳои сармоягузорӣ дар муҳтавои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Ҳамкории мутақобилаи танзими ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои асосӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

Бо мақсади мукаммалгардонии конунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ, ба мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” тағйиру иловаҳои зеринро ворид намудан зарур аст.

1. Таҳлили назариявии Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ифодаи мафҳуми сармоягузорӣ, ки дар моддаи 1-уми қонун муқарра шудааст, аз норасоиҳо холӣ нест. Қонунгузор дар мафҳуми сармоягузорӣ нишон надодааст, ки онро ба куҷо равон кардан лозим аст ва мақсади асосии давлати қабулкунанда, ки сармояро ҷалб мекунад, чист. Дар робита ба ин ба ҳимоя ифодаи мафҳуми сармоягузорӣ ворид карда мешавад, ки тибқи он: сармоягузорӣ - ин капитал, ки характери моддӣ ва ҳам ғайри-модди дошта мебошад, ки ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузор бо мақсади гирифтани даромад ва ё натиҷаи дигари назаррас гузошта мешавад, ки бо таваккал алоқаманд буда ва бо вақти муайян маҳдуд гардонида шудааст.

Дар баробари ин асоснок карда мешавад, ки молумулк танҳо аз лаҳзаи ба раванди сармоягузорӣ ҷалб шудани он ба сармоягузорӣ табдил меёбад. Вобаста ба ин омилҳои асосие, ки сармоягузориро муайян мекунанд, инҳоро ҳисобидан лозим аст: аввалан, онҳо бояд аз ҷиҳати пулӣ баҳогузорӣ шаванд; дуввум, онҳо бояд ба ҷараёни сароягузорӣ ҷалб карда шаванд ва саввум,

молумулки мазкур дар унвони муайяни ҳуқуқӣ ба соҳибмулк (сармоягузор) тааллуқ дошта бошад.

2. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки дар шароити бозорӣ яке аз масъалаҳои муҳим барои давлати қабулкунандаи сармоягузорӣ масъалаи шуғли аҳолӣ мебошад, ки он ҳаллу фасли мувофиқро талаб мекунад.

Дар робита ба ин пешниҳод карда мешавад, ки ба мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" меъёри зерин ворид карда шавад: "**Теъдоди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаю муасисаҳо, ки бо сармояи хориҷӣ асос ёфтаанд, бояд на камтар аз 70% аз миқдори умумии кормандонро ташкил диҳад**". Механизми мазкур масъалаи шуғлмандиро ба пуррагӣ аз байн намебарад, вале метавонад, ки ба пастшавии афзоиши сафи бекорон дар ҷумҳурӣ таъсир расонад.

3. Асоснок карда мешавад, ки муқарраароти мафҳуми сармоягузориҳои мустақим, ки дар муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" оварда шудааст, ба таври пурра аломатҳои моҳиятии дар сармоягузориҳои мустақим мавҷударо фаро мегирад. Зикр карда мешавад, ки сармоягузориҳои мустақим ба истеҳсолот бевосита равон карда мешаванд ва дурнамои рушди иқисоди давлати қабулкунанда бевосита бо он алоқаманд аст. Сармоягузор дар сармоягузориҳои мустақим ҳамеша фаъол аст ва барои ӯ имконияти ба пуррагӣ таҳти назорат қарор додани фаъолияти корхона, бастани шартномаҳо, иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва дар асоси ин аз машғул шудан ба фаъолияти сармоягузорӣ ва гирифтани даромад фароҳам оварда мешавад. Зиёда аз ин, сармоягузор дар сармоягузориҳои мустақим метавонад, ки коргаронро ба кор қабуд намояд ва бо онҳо тибқи муқарраароти қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бандад. Дар баробари сармоягузор, давлати қабулкунанда низ ба он манфиатдор аст, ки бо ба кор ҷалб шудани шаҳрандон, ҳамзамон мушкилоти шуғлмандӣ низ ҳаллу фасл мегардад, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳими давлати воридкунандаи сармоя маҳсуб мегардад. Дар робита ба ин, сармоягузориҳои мустақим аз ҷониби сармоягузор гузоштани на камтар аз 10 дарсади ҳисса ба фонди низомномавии корхона ва ҳуқуқи иштирок дар идоракунии истеҳсолот бо мақсади гирифтани даромад ҳисобида мешавад.

4. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки фаъолияти сармоягузорӣ фаъолиятҳои амалии сармоягузор вобаста ба гузоштан ва татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Дар ин ҳолат фаъолияти субъекти сароягузорӣ – ин на амалҳои якмаротибаина, балки бисёрмаротибагӣ (такрорӣ) мебошад. Муаллиф зикр мекунад, ки барои иҷро кардани фаъолиятҳои амалӣ оид ба гузоштани сармоя, сармоягузор бояд вазъи низоми ҳуқуқи давлати қабулкунандаро баҳогузорӣ намуда, оид ба аниқсозии объекти сармоягузоришаванда гуфтушунидҳо гузаронад ва баъдан бояд барои ба ҷо овардани фаъолиятҳои амалӣ вобаста ба сармоягузорӣ қарор қабул намояд, ки моҳияти фаъолияти сармоягузориро ифода мекунад. Бо натиҷагирӣ аз ин муаллиф фаъолияти сармоягузориро чун татбиқи фаъолиятҳои амалии сармоягузор баҳогузорӣ менамояд, ки ба гузоштани сармоя ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) дастёбӣ ба ягон натиҷаи дигари назаррасро муайян мекунад.

5. Зикр менамояд, ки баҳсу мунозираҳои вобаста ба сармоягузорӣ бевосита ба сармоягузорӣ алоқаманданд ва онҳо метавонанд, ки на танҳо миёни сармоягузор ва давлати қабулкунанда ба амал оянд. Субъектҳои баҳси сармоягузорӣ метавонанд, ки дигар ширкаткунандагони ҷараёни сармоягузорӣ низ бошанд. Инҳо метавонанд, ки шахсони мансабдори давлати қабулкунандаи сармоягузорӣ мебошанд, ки ба вазифаҳои онҳо механизмҳои татбиқи иҷозат додани сармоягузорӣ дохил мешаванд, ва ё ҳаллу фасли баҳсҳое, ки миёни ташкилоту созмонҳои тиҷоратӣ бо сармояи хориҷӣ ва дигар шахиятҳои ҳуқуқии давлати қабулкунанда ба амал меоянд. Зиёда аз ин, моҳияти баҳсҳо перомуни сармоягузорӣ боз дар он низ ҳаст, ки он вобаста ба давраҳои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ба амал меояд, ки инҳо маҳсуб мегарданд: оид бо омодагӣ, бастан ва иҷрои шартномаҳои сармоягузорӣ. Агар ин сегона дар муҳтавои сармоягузорӣ мавҷуд набошад, тибқи қоида, баҳс перомуни сармоягузорӣ ба амал намеояд. Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, муаллиф мафҳуми зерини баҳси сармоягузориро пешниҳод мекунад: Баҳси сармоягузорӣ – «ин низоъест, ки бо сармоягузорӣ асос ёфтааст, ки субъектҳои он сармоягузор ва давлати қабулкунанда ва ҳамчунин, дигар ширкакунандагони муносибатҳо оид ба сармоягузорӣ эътироф мешаванд, ки бо омодасозӣ, бастан ва иҷрои муносиби шартномаҳои сармоя-

гузорӣ алоқаманд аст ки барои татбиқи лоиҳаи сармягузорӣ равона карда шудааст».

6. Пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба институти сармоягузории муштарак» таҳия ва қабул карда шавад. Дар мундариҷаи лоиҳа ба назари эътибор гирифтани масъалаҳои мазкур ба мақсад мувофиқ аст: ташкили институтҳои махсусгардонидашудаи сармоягузории муштарак, ки метавонанд ҷалб ва ҷойгир кардани захираҳои молиявии сармоягузоронро ба ҷо оранд ва асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти институти сармоягузории муштарак, қатъи фаъолияти сармоягузории муштарак, хусусиятҳои идораи маблағҳои субъектҳои мазкурро муайян намоянд ва ҳамчунин ба таркиб, сохтор ва нигоҳдории чунин маблағҳо талабот муқаррар намоянд.

7. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузориро танзими ҳуқуқи хусусӣ ва оммавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ давлат муносибатҳои ҳуқуқиеро танзим менамояд, ки миёни шахсҳо ба миён меоянд ва давлат чун кафили ин муносибатҳо баромад мекунад. Дар танзими оммавӣ худи давлат иштироккунандаи ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар робита ба ин дар низоми муносибатҳои сармоягузорӣ меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, ва ҳамчунин маъмурию молиявӣ муттаҳид мегарданд, ки дар маҷмӯъ бо муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим даровардa мешаванд. Гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, муаллиф муносибатҳои сармоягузориро чун муносибатҳои ҳуқуқие муайян менамояд, ки ба меъёрҳои хуқуқии сармоягузорӣ асос ёфтаанд, ки миёни ширкаткунандагони он дар робита ба гузоштани сармояи дорои хислати ҳам маводӣ ва ҳам ғайримаводӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, ки аз тарафи давлати қабулкунанда бо мақсади гирифтани даромад ва ё дастёбӣ ба ягон натиҷаи дигари муҳим муайян карда мешавад.

8. Зикр карда мешавад, ки таъмини фазои сармоягузорӣ, ки ҳадафи ҷалби маҷрои зиёди сармоягузорӣ ба иқтисоди давлати қабулкунадаро дорад, аз якчанд омилҳо вобастааст, ки яке аз онҳо муқаррар намудани бартариятҳои муайян барои сармоягузороне мебошад, ки фаъолияти сармоягузориро дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодёти мамлакат анҷом медиҳанд. Барои ҳамин пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории

амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ имтиёзҳо ба сармоягузороне дода шаванд, ки ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодёт сармоягузорӣ мекунанд, ки инҳо маҳсуб мегарданд: кишоварзӣ; корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва коркарди маҳсулот машғуланд; нерӯгоҳҳои барқи обӣ; сохтмони роҳҳо ва иншооти нақбӣ.

9. Муаллиф мақсаднок будани аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудани Конвенсияи Вашингтон "Оид ба тартиби ҳаллу фасли баҳсҳои сармоягузорӣ", ки он самаранокии ҳаллу фасли баҳсҳоеро баланд мебардорад, ки бо сармоягузорӣ алоқамандaнд ва барои воридшавии бештари сармоя ба иқтисоди кишвар шавқмандӣ эҷод мекунад. Илова бар он асоснок карда мешавад, ки бо аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудани ин Конвенсия имкони ба дигар созмонҳои байналмилалӣ аъзо шуданро низ ба даст меорад, ки дар робита ба он зарурат дар бастани созишномаҳои дутарафа "Оид ба ҳавасмандсозӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ" зарурат надорад.

10. Муаллиф зикр мекунад, ки барои таъмини ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди давлати қабулкунанда ва таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ танҳо танзими сармоягузорӣ бо воситаи қонунгузории дохилӣ кифоя нест. Ба ақидаи муаллиф барои он ки раванди ҳамгироӣ дар иҷрои ин вазифа арзанда бошад, зарур аст ки ҳамзамон бо қонунгузории дохилӣ, мақоми ҳуқуқии сармоягузорон, махсусан хориҷиён, бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таҳким бахшида шаванд. Бешакку шубҳа, вазни гарони бор дар танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ ба қонунгузории дохилӣ меафтад, танзими байналмилалии сармоягузорӣ бошад, нақши иловагиро дар ҳамоҳангсозии ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон иҷро мекунад. Барои ҳамин давлати қабулкунандаи сармоя барои ҳифзи ҳаматарафаи ҳуқуқи сармоягузорон ва сармояи онҳо дар баробари қонунгузории дохилӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба соҳаи сармоягузориро низ ворид мекунад. Дар робита ба ин зарурати воқеии баҳамоиии танзими ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ асоснок карда шудааст. Зикр карда шудааст, ки дар ҷараёни ҷалби сармоя саҳми асосӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ба зиммаи қонунгузории миллӣ меафтад, танзими ҳуқуқи байналмилалии сармогузорӣ бошад, нақши иловагиро иҷро мекунад, яъне тибқи стандарти ҳуқуқӣ оид ба ҳамоҳангсозии ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон дар раванди татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ.

11. Ба таври аниқ хулоса оид ба он бо далелу бурҳон исбот карда мешавад, ки дар пайдоиши муносибатҳои сароягузорӣ миёни иштироккунандагони раванди сармоягузорӣ шартномаҳои сармоягузорӣ аҳамияти хеле калон дорад. Вале қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон конструксияи  шартномаҳои сармоягузориро таҳким набахшиданд, ки ин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилоти муайянеро эҷод мекунад. Дар робита ба ин муаллиф пешниҳод мекунад, ки шартномаи сармоягузорӣ чун созиши иштироккунандагони объектҳои раванди сармоягузорӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба гузоштани объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ** аз он иборат аст, ки хулосаю натиҷаҳо ва пешниҳодҳои он барои мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сароягузорӣ равона карда шудаанд. Натиҷаҳои назариявии таҳлилшуда ва хулосаҳои бадастомада барои аз нав дида баромадани муҳтавои қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи сармоягузорӣ аҳамияти калон доранд.  Натиҷаҳои ба дастомада ҳамчунин метавонанд, ки барои мукамалгардонии қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонанд, ки дар таҳияи адабиёти таълимию методӣ ва китобу васоити илмӣ ва дарсӣ ҳангоми таълими фанни ҳуқуқшиносӣ дар мактабҳои олӣ истифода бурда шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот**. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи “Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои он** ба раванди таълимии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанни Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва таълими курси махсус оид ба Ҳуқуқи сармоягузорӣ ворид карда шудаанд.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсия** инъикоси худро дар 46 кори илмии аз ҷониби муаллиф нашргардида ёфтаанд, ки аз ҷумла, инҳо маҳсуб мегарданд: “Ҳуқуқи сармоягузорӣ”; Китоби дарсӣ, Душанбе, 2008, 483 саҳ.;

“Танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ”: Монография. Душанбе, 2012, 220 саҳ. ва дар 44 мақолаҳои илмӣ.

Хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва мизҳои гирди сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ифода гардидаанд: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даҳ соли истиқлолияти он (Тошканд), 2001); Масъалаҳои рушди қонунгузории гражданӣ (Душанбе, 2009); Масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалия (Душанбе, 2014); Низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: вазъи кунунӣ ва мушкилот (Душанбе, 2015); Рушди ҳуқуқӣ судӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2015); Рушди илми ҳуқуқи байналмилалии ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2016); Уҳдадориҳои ғайришартномавӣ (Алмаато, 2017); Низоми ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамои рушд (Душанбе, 2017).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи ҳаҷм, мавзуъ, ҳадафҳо ва вазифаҳои он муайян карда мешавад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, ки 17 параграфро дарбар мегиранд, ва хулоса иборат аст. Ба диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда замима карда мешавад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 361 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар сарсухан** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷа ва сатҳи таҳқиқи илмии он, мавзуъ, объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии кор муайян карда шуда, муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда таҳия гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва тасвиби онҳо баён карда мешаванд.

Боби якум “***Асоснокнамоии назариявии муайянсозии мафҳуми сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ***” аз чаҳор параграф иборат аст. Дар параграфи якум “***Мафҳум ва табиати ҳуқуқии сармоягузорӣ***” масъалаҳое мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки бо муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва конструксияи сармоягузорӣ алоқаманданд.

Бо гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ муносибатҳои нави ҷамъиятие пайдо шуданд, ки танзими муносиби ҳуқуқии худро тақозо доранд. Тавре ки муаллиф зикр менамояд, моҳияти сармоягузорӣ дар он ифода меёбад, ки давлат ба ҷалби сармоя бо мақсади фаъолият ва рушди муътадили иқтисодиёташ манфиатдор аст. Онҳо барои мукаммалгардонии истеҳсолот бо роҳи навсозии техника ва технологияи истеҳсолот, барои баровардан ва фурӯши қоғазҳои қимматнок, ҳамчунин, барои ҳаллу фасли масъалаҳои шуғлмандӣ зарур мебошанд. Зарурати таҳқиқи табиати ҳуқуқии сармоягузорӣ ҳамчунин бо он асоснок карда шудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ то ба имрӯз оид ба падидаи сармоягузорӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Конструксияи сармоягузорӣ ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ маънидод карда шудааст. Ба ҳар ҳол, сармоягузорӣ аз рӯи муҳтаво ва аҳамият бештар аз ҳама ба меъёрҳои иқтисодӣ нисбат дорад, аз ин лиҳоз, нуқтаи назарҳои зиёд дар илми иқисодӣ дар робита ба мафҳуми дараҷаи мазкур мавҷуданд. Баъзеҳо сармоягузориро чун "раванди хароҷоти меҳнати зинда ва таҷассумёфта барои эҷоди иқтидорҳои истеҳсолӣ, ки бо ёрии онҳо дар истеҳсолот меҳнати зинда нисбат ба оне ки истеъмол мекунад, арзиши бештар эҷод менамояд" (Кулагин Т.И., Перелман М.Г.). Дигарон сармоягузориро чун роҳи гузоштани сармоя муайян мекунанд, ки бояд ҳифз ва ё афзоиши арзиши сармояро таъмин созад ва ё боиси бузургии мусбии даромад гардад (Гитман А., Ҷонк М.). Нуқтаи назарҳои дар боло овардашуда оид ба фаҳмиши иқтисодии сармоягузорӣ асосро барои тахмин намудани он фароҳам месозанд, ки то ҳанӯз мафҳуми аз ҷониби умум қабулшуда коркард нашудааст, ки дар ин бора дар адабиёти ҳуқуқӣ низ зикр гардидааст (Потапова Ю.В.).

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мафҳуми сармоягузорӣ ба таври назаррас ҷудо мешаванд. Нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки тибқи он "... сармоягузориҳои хориҷӣ капитали хориҷӣ маҳсуб мегарданд – моликият дар намудҳо ва шаклҳои гуногун аз як давлат ва ба муассиса (ва ё кор) дар ҳудуди мамлакати дигар гузошта шудааст" (Богатирёв А.Г.). Тибқи нуқтаи назари муаллиф сармоягузорӣ – ин моликиятест, ки ба сармоягузори хориҷӣ тааллуқ дорад ва охирин онро ба кору фаъолияти корхона дар ҳудуди мамлакати дигар мегузорад. Ба тарзи дигар, сармоягузориҳои хориҷӣ – ин сармояест, ки соҳиби он сармоягузори хориҷӣ мебошад ва охирин онро ба иқтисоди мамлакати дигар

мегузорад. Дар таърифе, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, аломати асосии сармоягузорӣ - гирифтани даромад ва дастёбӣ ба самараи дигари мусбат ҷой надорад, дар ҳоле ки меъёрҳои ишорагардида, ба фикри мо, ҳам барои сармоягузор ва ҳам барои давлати қабулкунанда муҳим арзёбӣ мешаванд. Сармоягузори хориҷӣ сармояашро гузошта, дар навбати аввал ба гирифтани даромад умед мебандад, дар акси ҳол, маънии сармоягузорӣ моҳияташро гум мекунад, барои корхонаҳои давлати қабулкунанда бошад, сармояи гузошташуда бояд самараи иҷтимоӣ ба бор орад. Барои ҳамин давлате, ки иқтисодаш ба бозор нигаронида шудааст, ҳамеша ба воридшавии сармоя ба ҳудудаш манфиатдор аст. Мавқеи дигар ҳангоми муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ мавҷуд аст, ки тибқи он: “сармоягузорӣ - ин баҳогузории пулҳои мавҷуда, ки аз гардиш, неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гирифта нашуда, ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) дастёбӣ ба дигар натиҷаи мусбӣ гузошта шудаанд” (Ершова И.В.). Тафсири мафҳуми сармоягузорӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда мешавад, бешакку шубҳа ба моҳияти меъёрҳои чунин падидаи мураккаб, ба мисли сармоягузорӣ равшанӣ меандозанд. Вале муаллиф ҳангоми муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ ба таври бояду шояд ба мақсади сармоягузорӣ таваҷҷуҳ надода, бо ин манфиатҳои ҷониби дигар, яъне давлати қабулкунандаро аз пеши назар берун гузоштааст. Охирин сармояро ба иқтисоди худ бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи иқтисодӣ ҷалб мекунад ва ин вазифаи асосии давлати қабулкунанда аст, ҳарчанд ки муҳимтарин ҳам набошад. Зикр бояд кард, ки манфиати кишвари қабулкунандаи сармоя барои ҷалби маблағгузорӣ аз берун, ба воситаи барқарор намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва режими сабуки андозӣ на танҳо ба хотири эҷоди шароити мусоид барои фаъолияти сармоягузории сармоягузорони хориҷӣ, балки барои дастёбӣ ба натиҷаҳои арзишманд аз фаъолиятҳои соҳибкории сармоягузорон ба иқтисоди миллӣ равона карда шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеи дигар оид ба муайян кардани табиати ҳуқуқии сармоя-гузорӣ низ мавҷуд аст: “сармоягузорӣ – ин маблағгузориест, ки ба эҷоди неъматҳои моддӣ ва маънавӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) дастёбӣ ба самараи мусбӣ нигаронида шудааст, ки аз ҷониби сармоягузор аз номи худ ва зери таваккали худӣ амалӣ

карда мешавад, ки бо вақти амали шартнома (қарордод) ва (ё) иҷозатнома маҳдуд карда шудааст” (Мороз С.П.). Тафсири мазкур, ба ақидаи мо, меъёрҳои асосӣ ва муайянкунандаи чунин падидаи мураккаб, ба мисли сармоягузориро фаро мегирад. Муаллиф ба таври кофӣ аниқ ва равшан назари худро ба ин масъала ифода намудааст. Зери мафҳуми сармоягузорӣ на танҳо сармоягузории хориҷӣ, балки ватанӣ низ дар назар гирифта шудааст, ки ин пурра мусбӣ арзёбӣ мешавад. Ин комилан фаҳмо аст, зеро дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ сармоягузорони ватанӣ низ нақши калон мебозанд. Дар ин ҳолат рафтори сармоягузори хориҷӣ ҳамроҳ бо санадҳои ҳуқуқӣ бояд ҳамчунин бо шартномаҳои сармоягузорӣ низ танзим шавад, ки ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии тарафҳоро муқаррар менамояд. Ҳамзамон бо ин, амали шартнома тибқи қоида, бо вақти муайян маҳдуд карда мешавад.

Муқаррароти аз ҷониби қонунгузорӣ таҳким бахшидашудаи мафҳуми сармоягузорӣ ва таҳлили нуқтаҳои назаре, ки дар адабиёти гражданию ҳуқуқӣ мавҷуданд, ба мо асосеро эҷод месозанд, то чунин ҳисобем, ки сармоягузорӣ – ин зуҳуроти мураккаб мебошад. Табиати ҳуқуқии сармоягузориро мавриди таҳлил қарор дода, бевосита ба мафҳуми дигаре дар ин соҳа, яъне маблағгузорӣ рӯ ба рӯ мешавем, Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар робита ба ин истилоҳ фикру ақидаҳои зиёд мавҷуд аст. Ба ин муҳокимарониҳо амиқ фурӯ нарафта, мо ба он чизе бештар майл дорем, ки ин ду мафҳум синоним мебошанд. Сармоягузорӣ метавонад, ки ҳам моликияти моддӣ (яъне, сармоя, молу мулк, пул) ва зеҳнӣ (масалан, гузоштани маблағ ба сармояи инсонӣ) бошад. Ба савол роҷеъ ба он ки сармоягузорӣ ба куҷо гузошта мешавад, ба андешаи мо он бояд ба ниҳодҳои (объектҳои) фаъолияти сармоягузорӣ равона карда шавад, ки мутаассифона, қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ ин масъаларо кушода боқӣ гузоштааст. Қонунгузор, мафҳуми сармоягузориро шарҳу тавзеҳ намуда, бо ин ба объекти гузориши он ишора накардааст. Давлати қабулкунандаи сармоя пеш аз он ки сармояро аз берун ҷалб намояд, дар навбати аввал бояд объектҳои фаъолияти сармоягузориро муайян созад, ки дар оянда онро ба иқтисодаш ҷалб хоҳад намуд.

Дар асоси нуқтаи назари дар боло овардашуда муаллиф пешниҳод менамояд, ки мафҳуми сармоягузорӣ бо ин тарз ифода

карда шавад: “**сармоягузорӣ – ин сармояи ҳам хислати моддӣ ва ҳам ғайримодди доштаи ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорон бо мақсади гирифтани даромад ва ё самараи дигари мусбӣ гузошташуда мебошад, ки хатарҳои муайянро дар худ дошта, бо вақти муайян маҳдуд карда шудааст**”.

Дар параграфи дуюми боби якум “***Омилҳои муайянкунандаи сармоягузорӣ***” унвонҷӯй аломатҳои асосии сармоягузориро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба ақидаи муаллиф, аломатҳои ба шакли муайян дароварандаи сармоягузорӣ инҳо маҳсуб мегарданд: баҳои пулии он; гирифтани даромади мувофиқ аз ҷониби сармоягузор; мақсади гузоштани сармоягузорӣ; объекти гузоштани сармоя. Ба яке аз меъёрҳои асосии сармоягузорӣ **баҳои пулии онро** дохил намудан лозим аст, ва аз ҳамин хотир қонунгузор дар моддаи 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” объектҳои ҳуқуқи граждaниро дохил намудааст, ки онҳоро ба сифати сармоягузорӣ эътироф кардан лозим аст. Вале номгӯи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки онҳоро бояд сармоягузорӣ номид, ин мақомро танҳо баъди он соҳиб мегарданд, ки соҳибмулк онҳоро ба ҷараёни сармоягузорӣ гузорад. Аз ҳамин лаҳза чунин молумулк мақоми сармояро касб мекунад. Яъне, то он замоне, ки молумулк аз ҷониби сармоягузор ба сармоягузорӣ шомил карда нашудааст, онро ба сифати сармоя эътироф набояд кард. Бо тарзи дигар, молумулк ва ҳуқуқҳои молумулкӣ он вақте сармоя мегарданд, ки сармоягузор онҳоро ба фаъолияти сармоягузори шомил мекунад. Барои ҳамин аз ҷумлаи омилҳои асосие, ки сармоягузориро муайян мекунанд, инҳоро бояд эътироф намуд: якум, он бояд аз лиҳози пулӣ баҳогузорӣ шавад; дуюм, он бояд ба ҷараёни сармоягузорӣ ҷалб карда шавад, ва сеюм, молумулки мазкур бояд тибқи унвони муайяни ҳуқуқӣ ба соҳибмулк (сармоягузор) тааллуқ дошта бошад.

Меъёри дигари муҳим ва воқеии сармоягузорӣ гирифтани даромади мувофиқ аз ҷониби сармоягузор мебошад, ки ин асли моҳияти сармоягузориро ташкил медиҳад. Сармоягузор сармояашро гузошта, ба гирифтани даромад умед мебандад ва бо ҳамин ният ӯ пули худро ба иқтисоди мамлакати қабулкунанда мегузорад. Агар чунин ҳадаф гузошта нашуда бошад, он гоҳ сармоягузорӣ моҳияти худро гум мекунад ва инро сармоягузорӣ гуфтан ҳам номумкин мегардад. Зиёда аз ин, маънии гузоштани сармоя дар он ифода меёбад, ки сармоягузор, моликияти худро

харҷ накарда, онро бо мақсади дар оянда афзун гардонидани ин сармоя ба иқтисоди мамлакати қабулкунанда мегузорад.

Дар параграфи сеюми боби якум “***Таснифоти сармоягузорӣ***” муаллиф зикр мекунад, ки масъалаҳои ҳуқуқии таснифоти сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ мешаванд, чунки он ҳар як намуди сармоягузорӣ, аҳамияти онҳо, шабоҳат ва фарқиятҳоро тавсиф менамояд. Унвонҷӯй зикр мекунад, ки ҳангоми таснифоти сармоягузорӣ объект ва субъекти гузориши он бояд ба назар гирифта шавад. Вобаста аз объекти гузориши сармоя унвонҷӯй онро ба мустақим, портфелӣ ва зеҳнӣ ҷудо мекунад. Дар робита ба ин ки ин сармояро кӣ мегузорад, сармояро ба давлатӣ, хусусӣ ва дастҷамъӣ ҷудо намудааст.

Унвонҷӯй зикр мекунад, ки **бо сармоягузории мустақим** дурнамои рушди иқтисоди кишвари қабулкунанда бевосита алоқаманд аст. Фишангҳои асосии идоракунии истеҳсолот дар дасти сармоягузор аст ва ӯ раванди амалишавии сармоягузорӣ ва дар ниҳояти кор – гирифтани даромадро назорат мекунад. Ба меъёрҳои муҳими сармоягузориҳои мустақим инҳо дохил мешаванд: аввал, он бевосита ба корхона (муассиса) равон карда мешавад; дуввум, таҷҳизоти нав, техника ва технология мукаммал гардонида мешавад. Ва ниҳоят, сармоягузор ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми сармоягузориҳои мустақим кормандонро ба кор қабул кунад, бо онҳо тибқи муқаррароти қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бандад. Ба чунин иқдом, ҳамроҳ бо сармоягузор, давлати қабулкунанда низ манфиатдор аст, чунки бо ба кор ҷалб карда шудани шаҳрвандон масъалаҳои шуғли аҳолӣ ҳаллу фасл гардида, музди меҳнати устувор таъмин карда мешавад, ки дар шароити имрӯза яке аз мушкилоти асосии давлатҳои воридкунандаи сармоя маҳсуб мегардад. Бо кушода додани омилҳои асосии сармоягузориҳои мустақим, мафҳуми онро муайян кардан лозим аст: “**Сармоягузории мустақим – ин аз ҷониби сармоягузор гузоштани на камтар аз 10 дарсади ҳиссаи сармоя ба фонди низомномавии корхона ва ҳуқуқи иштирок дар идоракунии истеҳсолот бо мақсади гирифтани даромад мебошад**”.

Муаллиф баъдан масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” он қоидаҳоеро мустаҳкам намегардонад, ки бо тартиби хатмӣ ба кор гирифтани шаҳрвандони ҷумҳуриро муқаррар менамоянд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамояд, ки дар

қонуни мазкур муқаррар карда шавад, ки "**теъдоди намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо кору фаъолият дар корхонаю муассисаҳо бо сармояи хориҷӣ машғуланд, бояд на камтар аз 70% аз ҳисоби умумии миқдори кормандони корхонаю муассисаро бо сармояи хориҷӣ ташкил диҳад**".

**Моҳияти сармоягузории портфелӣ** аз он иборат аст, ки пул ба бозори қоғазҳои қиматнок гузошта мешавад. Ин навъи сармоя дар ҷумҳурӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Новобаста аз мавҷудияти механизмҳои ҳифзи сармоя ва ҳамзамон бо он – таҳияи чорабиниҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон дар ин соҳа алоқаманданд, бо вуҷуди ин сармоягузорон, махсусан хориҷӣ, ба ин соҳа вобаста ба ин фикру мулоҳизаҳо намехоҳанд, ки сармоягузорӣ кунанд: аввалан, онҳо ба гирифтани даромади воқеӣ аз гузоштани сармояашон бовар надоранд, онҳоро рафтору кирдори беинсофона бепарвоёнаи иштироккунандагон (миёнаравҳо) дар бозори қоғазҳои қиматнок метарсонад; сониян, муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ин соҳа ба амал меоянд, ба таври аниқ ба танзим даровarda нашудаанд.

**Ба сифати таснифгари дигари сармоя сармоягузориҳои зеҳнӣ баромад мекунанд**. Чун қоида, ин сармоягузориҳо аз рӯи моҳияташон ба сармояҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд. Онҳо ба соҳаҳои маориф, илм, тибқи қоида, барои омодасозии мутахассисон дар бахши маълумоти олӣ ва миёнаи махсус гузошта мешаванд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ давлат ба гузаронидани ислоҳот бо мақсадҳои мукаммалгардонии фаъолияти муасссисаҳои соҳаи маориф манфиатдор аст. Мақсади чунин ислоҳот ба таври системавӣ бо замона мувофиқсозии таълим, беҳтар намудани хизматрасонӣ дар ин самт мебошад. Барои ҳамин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" ба сифати объекти мустақили муносибатҳои сармоягузорӣ моликияти зеҳнӣ низ чун маҷмӯи фикру ғояҳо шомил карда шудааст, ки тавассути онҳо техника ва технологияи нав эҷод карда мешавад. Ҳомили ин фикру ғоя бошад, инсон - сармоягузор аст, ки ӯ дониш ва тафаккури худро барои такмил ва азнавсозии истеҳсолот мегузорад.

Вобаст аз шакли моликият унвонҷӯй сармояро ба **давлатӣ ва хусусӣ** тақсим мекунад. Қонуни ҶТ "Дар бораи сармоягузорӣ" аз соҳаи амали қонуни мазкур сармоягузориҳоеро хориҷ кардааст, ки аз буҷети давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Сармоягузории давлатӣ аз ҷониби буҷети давлатӣ ба ҷо оварда мешавад.

Сармоягузории хусусӣ, ки зери мафҳуми он гузоштани воситаҳои пулӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ ба иқтисоди давлати қабулкунанда фаҳмида мешавад. Ин метавонад, ки сармоягузори хориҷӣ ва ё ватанӣ бошад.

Ба сифати аломати дигари ба гурӯҳҳо таснифкунандаи сармоягузорӣ **сармоягузориҳои муштарак** ё ин ки субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ баромад мекунанд. Сармоягузории муштарак – ин институти нав, аз ҷиҳати шакл ҳанӯз муайян нагардида ва ба қадри кофӣ омӯхтанашуда на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар тамоми фазои кишварҳои ИДМ мебошад. Конструксияи институти сармоягузории муштарак табиатан бо сармоягузориҳои портфелӣ монанд аст, чунки ҷараёни инкишофи ин муносибатҳо дар соҳаи дастрас намудани қоғазҳои қимматнок мавҷуд аст, вале ин ягона ҳам нест. Он метавонад, ки ҳамчун фонди ягонаи сармоягузорӣ низ ташкил карда шавад. Чи тавре ки аз конструксияи сароягузории муштарак бармеояд, - ин тарзи чалби сармоя, тибқи қоида, аз шахсони воқеӣ барои машғул шудан ба фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби ширкат мебошад; аввалӣ чун қоида, дар раванди сармоягузорӣ иштирок намекунад.

Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, зикр кардан бамаврид аст ки дар оянда таҳия кардани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “**Дар бораи институти сармоягузории муштарак**” ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Дар муҳтавои қонун ба назар гирифтани эҷоди институтҳои махсусгардонидашудаи сармоягузории муштарак айни муддао мебуд, ки ҷалб ва ҷойгирнамоии захираҳои молиявии сармоягузоронро таъмин намуда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии эҷод ва фаъолияти институти сармоягузории муштарак, хусусиятҳои идоракунии маблағҳои субъектҳои ишорашуда, ҳамчунин муқаррар намудани талабот ба ҳайат, сохтор ва нигоҳдории чунин маблағҳоро муайян менамоянд.

Параграфи чаҳоруми боби якум “***Мафҳум ва аломатҳои фаъолияти сармоягузорӣ***” ба таҳлили ифодаи фаъолияти сармоягузорӣ ва меъёрҳои он бахшида шудааст. Қонунгузории ҶТ, ки сармоягузориҳоро дар ҶТ ба танзим медарорад, фаъолияти сармоягузориро чун “раванди сармоягузорӣ” тавсиф менамояд, ки марҳилаҳои омодагӣ, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории вобаста ба сармоя”- ро муайян мекунад. Аз муқаррароти қонунгузорӣ фаҳмидан зарур аст, ки фаъолияти

сармоягузорӣ – ин маҷмӯи фаъолиятҳои амалии субъект оид ба гузоштани сармоя мебошад. Субъекти фаъолияти сармоягузорӣ сармоягузориҳоро бо мақсади гирифтани даромад ва ё дастёбӣ ба ягон намуди дигари мусбат анҷом медиҳад. Амали субъекти сармоягузорӣ – ин фаъолияти на яккарата, баръакс, амали бисёркарата оид ба татбиқи маблағгузорӣ мебошад. Дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ сармоягузор на танҳо ҳуқуқ дорад, ки оид ба гузоштани сармоя ба иқтисод қарор барорад, ҳамзамон бо ин ӯ ҳуқуқ дорад, ки сармоягузориро амалӣ сохта, раванди истифодабарии сармояро назорат барад. Сармоягузор наметавонад, ки сармояашро ба ихтиёри шахсони дигар гузошта, худ дар як тараф қарор гирифта, дар татбиқи сармоягузорӣ ва гирифтани даромади мувофиқ иштирок накунад. Манфиати сармоягузор дар гузоштани сармоя бо мақсади гирифтани даромад ифода ёфтааст ва дар ниҳояти кор, ба хотири он ки сармояе, ки ба тааллуқ дорад, чун сармояи бе нафъ намонанд ва ба таври самаранок ба соҳиби сармоя фоида оранд. Барои ҳамин ӯ объекти сармоягузориро интихоб мекунад, оид ба гузоштани сармоя дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ фаъолиятҳои амалӣ анҷом медиҳад. Ин амалҳои сармоягузор дар маҷмуъ фаъолиятҳои сармоягузориро ташкил медиҳанд. Барои ҳамин дар фаъолиятҳои сармоягузорӣ амалҳои фаъолонаи сармоягузор дар сармоягузориҳои мустақим зоҳир мегарданд, зеро бо гузоштани сармоя ӯ дар гирифтани субъекти хоҷагидорӣ соҳиби ҳуқуқ мегардад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамзамон бо фаъолияти соҳибкорӣ аксар мафҳуми “сармоягузорӣ” ва “раванди сармоягузорӣ” истифода бурда мешаванд. (Майфат А.В., Бублик В.А., Лиситса В.Н.). Унвонҷӯй мавқеero ҷонибдорӣ мекунад, ки фаъолияти сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ва раванди сармоягузорӣ, байни ҳам алоқамананд ва аз моҳияти сармоя сарчашма мегирад. Ба ҳайси калимаи асосӣ миёни ин истилоҳот сармоя баромад мекунад ва барои хамин, онҳо мафҳумҳои ҳаммаъно мебошанд. Дар робита ба ин унвонҷӯй дар моддаи 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” пешниҳод мекунад, ки мафҳуми зерини “фаъолияти сармоягузорӣ” оварда шавад: “**Фаъолияти сармоягузорӣ – ин татбиқи фаъолиятҳои амалии сармоягузор, ки ба гузоштани сармоя ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) ноил шудан ба дигар натиҷаи мусбат мебошад...**”

Дар масъалаи фаъолияти сармоягузорӣ оид ба он ки он фаъолияти соҳибкорӣ аст ё не, дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон онро навъи фаъолияти соҳибкорӣ мешуморанд (Раҳимов М.З., Попондопулло В.Ф., Гушин В.В.). Дигарон онро ба навъи фаъолияти соҳибкорӣ шомил намекунанд (Сулейменов М.К., Карагусов Ф.С.). Чунин ҳисобида мешавад, ки на ҳар як даромаде, ки шаҳрвандон гирифтаанд, даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва сармоягузоре, ки ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ маблағ гузоштааст, ҳатмӣ нест, ки соҳибкор гардад. Ӯ агар саҳмияҳои ҷамъияти саҳҳомиро харида бошад, ӯ аз ин соҳибкор намешавад. Нуқтаҳои назари гуфташударо натиҷагирӣ намуда, зикр кардан бамаврид аст, ки як аломати гирифтани даромад аз амали сармоягузор барои он ки фаъолияти сармоягузориро чун соҳибкорӣ эътироф намудан мумкин бошад, ба таври аёнӣ нокифоя аст. Вобаста ба ин, фаъолияти сармоягузорӣ на ҳамеша соҳибкорӣ мебошад, ҳарчанд ки ба аввалӣ нишонаҳои фаъолияти соҳибкорӣ хос аст. Сухан оид ба сармоягузориҳои мустақим меравад, ки дар он сармоягузор ҳамеша фаъол аст ва дар истеҳсолот иштирок мекунад. Вале мо инро дар нисбати сармоягузории ҷузвӣ ва ё муштарак гуфта наметавонем, вақте ки сармоягузор амалан дар фаъолияти сармоягузорӣ иштирок намекунад ва дар мавқеи интизорӣ барои гирифтани дивиденд (ҳаққи саҳм) қарор мегирад, яъне, сармоягузор дар чунин ҳолат нисбатан бефаъолият ба назар мерасад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "***Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои сармоягузорӣ***" аз чаҳор параграф иборат аст.

Дар параграфи якум "***Ҷараёни инкишофи муносибатҳои дар бахши сармоягузорӣ***" аз ҷониби унвонҷӯй хусусиятҳои ба худ хос ва ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ, зикр мекунад муаллиф, аниқияти худро дар қоидаҳои рафтори субъектҳои тарафҳо пайдо мекунанд, яъне, дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо ҳуқуқҳои асосии субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии тарафҳо татбиқ карда мешаванд. Барои ҳамин муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ чун қоида, ҳамеша байни сармоягузорон ва давлати қабулкунандаи сармоя ба амал меояд. Тибқи қоида, иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ дорои

ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқие мебошанд, аз тарафи давлат химоя ва ҳифз карда мешаванд.

Ҳуқуқи субъективии сармоягузор дар муносибатҳои сармоягузорӣ дар он ифода меёбад, ки танҳо сармоягузор – соҳиби сармоя ҳақ дорад, ки ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ сармоягузорӣ намояд. Ин ҳуқуқи истисноии ба ҷо овардани амал оид ба гузоштани моликият танҳо ба сармоягузор тааллуқ дорад. Ҳуқуқи субъективӣ – ин қисми фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ аст, ки дар натиҷаи бастани шартномаи сармоягузорӣ, ҳамчунин аз аҳдҳое, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гаштаанд ё муқаррар нашудаанд, вале мухолифатнакунанда мебошанд, ба амал меояд.

Унсури дигари муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ уҳдадории ҳуқуқии иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ мебошад. Уҳдадориҳои ҳуқуқии иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ бо бастани шартномаи сармоягузорӣ миёни сармоягузор ва мақомоти салоҳиятдори давлат ба вуҷуд меоянд. Барои муайян кардани моҳияти муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ заминаҳои пайдоиши онҳо аҳамияти ҳуқуқӣ доранд. Барои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ муҳим на ин ки воқеа, балки бештар аз ҳама – амал, аниқтараш, фаъолияти бисёркаратаи сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя мебошад, ки барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ хизмат мекунанд. Бешубҳа, амалҳои иродавии сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя дар пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Дар баробари он барои пайдоиши муносибатҳои сармоягузорӣ шартномаи сармоягузорӣ бастан лозим аст, ки ба сифати тарафҳо сармоягузор ва давлати қабулкунандаи сармоя баромад мекунанд. Бо баста шудани шартномаи сармоягузорӣ сипас миёни иштироккунандагон ҷараёни муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд.

Ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ, ки миёни сармоягузор ва давлати қабулкунанда ба вуҷуд меояд, бо асосҳои меъёрии хусусию ҳусусӣ ва оммавӣ ба танзим дароварда мешаванд, чунки дар меъёрҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ меъёрҳои гуногуни соҳаи ҳуқуқ амал менамоянд. Дар робита бо ин гуфтан мумкин ки механизмҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои сармоягузорӣ хусусияти ҳокимиятию маъмурӣ доранд, тарзҳои хусусӣ-ҳуқуқии танзими

фаъолияти сармоягузорӣ бо ҳуқуқи моликияти хусусӣ асос мегиранд, ки субъектҳои он шахсони ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам воқеӣ мебошанд ва асосан бо қонунгузории гражданӣ ба тартиб даровардa мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуктаи назари олимон дар нисбати ин масоил аз якдигар фарқ мекунанд (А.Г. Богатирев, П.П. Гончаров, А.В. Майфат). Сармоягузор, ки тарафи муносибатҳои сармоягузорӣ мебошад, бо давлати қабулкунанда дар масъалаи гузоштани сармоя дар муносибатҳои гуногун баромад мекунад. Сармоягузорӣ асос ва ё шарти пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ мебошад. Барои он ки муносибатҳои сармоягузорӣ ба вуҷуд оянд, тарафҳо бояд масъалаҳои хусусияти гуногундоштаро баррасӣ намоянд, ки ба он маҳсуб мегарданд: объекти гузоштани сармоя; масъалаҳое, ки бо иҷозати сармоягузор ба иқтисоди давлати қабулкунанда алоқаманданд; тартиб додани лоиҳаи сармоягузорӣ; бастани шартномаи сармоягузорӣ ва ниҳоят, муқаррар намудани афзалият ва имтиёзҳо. Уҳдадориҳои номбар кардашуда бо меъёрҳои ҳам хусусияти хусусӣ ва ҳам оммавидошта алоқаманданд.

Ба таҳлили мафҳуми муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши сармоягузорӣ баргашта, унвонҷӯй ба хулосае меояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаии ягона оид ба конструксияи муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ вуҷуд надорад. Муаллиф он мавқееро ҷонибдорӣ мекунад, ки муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ яке аз намудҳои муносибатҳои ҳуқуқианд, ки бевосита бо сармоягузорӣ алоқаманд мебошанд ва онҳо дар асоси аз ҷониби сармоягузор гузошта шудани сармоя ба иқтисоди давлати қабулкунанда ба вуҷуд меоянд, ки ҳадафи гирифтани даромад ва ё ноил шудан ба ягон натиҷаи дигари муҳим (самараи иҷтимоӣ) доранд. Аз ин лиҳоз ки ҳанӯз ки ин нишонаҳо вуҷуд надоранд, дар соҳаи сармоягузорӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши сармоягузорӣ ба вуҷуд намеоянд. Барои ҳамин, сармоягузор оид ба гузоштани сармоя ба иқтисоди давлати қабулкунанда қарор мебарорад, ӯ бояд барои татбиқи сармоягузорӣ корҳои амалиро анҷом диҳад ва бо давлати қабулкунандаи сармоя шартномаи сармоягузорӣ бандад, он гоҳ оид ба ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии сармяогузорӣ миёни сармоягузор ва давлати қабулкунанда сухан гуфтан ҷоиз мебошад. Дар робита бо ин нишонаҳо ва моҳияти меъёрҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ асоснок карда мешавад:

“**Муносибатҳои сармоягузорӣ - онҳо муносибатҳои ҳуқуқиеанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ асос ёфтаанд, ки миёни иштироккунандагони он вобаста ба гузоштани капитал, ки хусусияти ҳам моддӣ ва ҳам ғайримоддидошта, ки ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд, ки аз тарафи давлати қабулкунанда бо мақсади даромад ва ё ноил шудан ба ягон натиҷаи дигари муҳим муайян карда мешавад**”.

Дар параграфи дуюми боби дуюм “***Субъектҳои муносибатиҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ***” унвонҷӯй дар асоси муқаррароти қонунгузории ҷорӣи амалкунанда ва нуқтаи назари олимон, ки доир ба ин масъала мавҷуданд, мақоми ҳуқуқии иштироккунандагони муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро мавриди таҳлил қарор додааст. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ сармоягузороне эътироф мешаванд, ки фаъолияти сармоягузориро дар давлати қабулкунанда амалӣ менамоянд. Тарафи дигари муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ давлат эътироф карда мешавад. Иштироки давлат дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ хислати дуҷониба дорад. Аввалан, ташаббускори ҷалби сармоя ба иқтисоди худ буда, давлат қоидаҳои муайяни рафторро муқаррар менамояд, ба монанди: роҳ додани сармоягузор ва иҷозат ба амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ. Дуюм, давлат ҳақ дорад, ки чун тарафи баробарҳуқуқ ҳангоми бастани шартномаи сармоягузорӣ баромад кунад. Дар ин ҳолат давлат на ҳамчун ҳокимияти сиёсӣ, балки бо дигар иштироккунандагони муносибатҳо бо ҳуқуқҳои баробар баромад мекунад. Барои ҳамин давлат чун гирандаи сармоя бо ҳар тарз ба воридшавии сармоя ба иқтисодаш манфиатдор аст, ки барои ҳамин ҳам фазои мусоиди сармоягузорӣ эҷод намуда, имтиёзҳои хусусияти ҳам андозӣ ва ҳам гумрукидошта муқаррар мекунад, то ин ки сармоягузорон, махсусан сармоягузорони хориҷӣ, ҳангоми амалинамоии сармоягузорӣ нороҳатӣ эҳсос накунанд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” амалӣ гашта, фазои танзимнамоии таъсири танзимкунандаи худро нисбати сармоягузорони ватанӣ низ паҳн менамояд. Шахсони ҳуқуқии ватанӣ низ, ба мисли шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ба сифати сармоягузор эътироф карда мешаванд. Мақоми ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии ватанӣ, ки фаъолияти сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, бо қонунгузории дохилии ҷумҳурӣ муқаррар карда

мешавад. Онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ҳамроҳ бо сармоягузорони хориҷӣ баромад мекунанд, аз кафолатҳо ва имтиёзҳои ҳуқуқие, ки дар қонун нишон дода шудаанд, истифода мебаранд, аз ин рӯ, мавқеи географии пайдоиши сармоя асоси ҳуқуқӣ надорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" ба ҷумлаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ сармоягузорони хориҷиро низ шомил мекунад. Ба сифати сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқии хориҷӣ эътироф мешаванд, ки онҳо субъекти аз ҷиҳати миқдор зиёдтарини муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ, ки ташкилотҳое, ки бо сармояи хориҷӣ асос ёфтаанд. Корхона бо сармояи хориҷӣ – ин ташкилотест, ки пурра ва ё бо ҳиссаи муайян ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ дорад. Дар ҳолати якум молики корхона ба таври истисноӣ сармоягузори хориҷӣ эътироф мегардад, дар ҳолати дуюм сухан оид ба ҳиссаи ширкат дар корхона, ки бо иштироки шахсони ҳуқуқии ватанӣ эҷод карда шудааст.

Дар параграфи сеюми боби дуюм **"Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ"** унвончӯй табиати ҳуқуқӣ ва намудҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро таҳлил намудааст. Объекти муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ, зикр мекунад муаллиф, неъматҳои ҳам моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ баромад мекунанд, ки онҳоро субъекти муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ба иқтисоди давлати қабулкунанда мегузорад.

Дар байни объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ мавқеи махсусро қаъри замин ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт барои ҷалби маблағҳои сармоягузорони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳаи истифодабарии қаъри замин мебошад. Тафриқабандии қаър аз дигар захираҳои табиӣ дар он аст, ки онҳо на дар сатҳи замин, балки баръакс, дар умқи қабати замин ҷойгиранд. Онҳоро бо дидаи бино ошкор кардан ғайриимкон аст, барои ин таҳқиқ бо истифодаи таҷҳизоти махсус лозим аст.

Объекти дигари фаъолияти соҳибкорӣ коғазҳои қимматнок мебошанд, ки сармояи портфелӣ номида мешаванд. Хусусияти фарқкунандаи онҳо аз ин иборат аст, ки сармоягузор дар муқоиса бо сармоягузориҳои мустақим амалҳои фаъолона анҷом намедиҳад.

Унвонҷӯй ба хулосае меояд, ки бозори қоғазҳои қимматнок алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле суст инкишоф ёфта, механизми мукаммалгардонии ин низом ҳамчун масоил вуҷуд дорад. Агар сухан перомуни бозори фонди Тоҷикистони соҳибистиқлол равад, он қариб ки дар ҳолати сифр қарор дорад. Сармоягузорон, аз ҷумла сармоягузорони тавоно, намехоҳанд, ки дар амалиёте иштирок кунанд, ки бо қоғазҳои арзишнок алоқаманданд; сабаби чунин рафтор ҳифзи пасти ҳуқуқии сармоягузорон дар бозори қоғазҳои қимматнок мебошад.

Ба объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ неъматҳои ғайримоддӣ низ дохил мешаванд, инҳо сармояҳои иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо чун қоида, ба соҳаи илм ва маориф бо мақсади омодасозии мутахассисон дар соҳаи таълимоти олӣ ва миёнаи махсус гузошта мешаванд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат ба гузаронидани ислоҳот бо мақсади мукаммалгардонии фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф манфиатдор аст. Мақсади чунин ислоҳот навсозии низоми маориф, беҳсозии хизматрасониҳо дар ин самт мебошад.

Дар қисми чоруми боби дуюм “***Таснифоти муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ***” муаллиф намудҳои муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Аҳамияти ҳуқуқии таснифи муносибатҳои сармоягузорӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба муайян кардани табиати ҳуқуқии онҳо мусоидат мекунанд ва ҳамроҳ бо ин зарурати тавсиф намудани навъҳои гуногуни онҳо ногузир аст.

Унвонҷӯй муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро аз рӯи чунин асос ба **танзимнамоӣ** ва **ҳифзнамоӣ** тасниф мекунад. Хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ аз он иборат аст, ки онҳо бо санадҳои меъёрию ҳуқуқие танзим карда мешаванд, ки дар байни онҳо Конститутсияи ҶТ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Дар Конститутсияи ҶТ шаклҳои гуногуни моликият муқаррар гаштаанд, ки озодии иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликиятро кафолат додааст.

Моҳияти муносибатҳои ҳуқуқии танзимнамоӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ аз он иборат аст, ки тавассути онҳо ба таври бевосита ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои тарафҳои муносибатҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла, татбиқи онҳо низ муқаррар карда мешавад, яъне, ин муносибатҳои ҳуқуқии позитивӣ мебошанд. Бо ибораи дигар, ҳангоми муносибатҳои ҳуқуқии танзимнамоӣ рушди маъмулии муносибатҳои иҷтимоӣ

таъмин карда мешавад, ки ҳангоми амалисозии раванди сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои ҳуқуқии ҳифзнамоӣ он вақт пайдо мешаванд, ки муносибатҳои ҳуқуқии танзимнамоӣ амали худро қатъ мегардонанд, яъне, меъёри ҳуқуқие, ки ба соҳаи сармоягузорӣ тааллуқ дорад, поймол мегардад.

**Муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ вобаста ба субъекти муносибатҳо ба нисбӣ ва муносибатҳои мутлақ тақсим мешаванд**. Муносибатҳои ҳуқуқии нисбии сармоягузорӣ миёни сармоягузор ва давлати қабулкунандаи сармоя ба миён меоянд. Хусусияти онҳо аз ин иборат аст, ки ҳуқуқи як тараф ба уҳдадориҳои ҷониби дигар муқобил мебошад. Ҳамроҳ бо муносибатҳои ҳуқуқии нисбии сармоягузорӣ моҳияти муносибатҳои ҳуқуқии мутлақи сармоягузорӣ низ аҳамияташро аз даст намедиҳад. Хусусияти муносибатҳои мутлақи ҳуқуқи сармоягузорӣ дар он аст, ки ба дорандаи ҳуқуқи субъективӣ уҳдадориҳои микдори номуайяни субъектҳо муқобил меистад. Моҳияти муносибатҳои мутлақи ҳуқуқи сармоягузорӣ дар бетарафӣ ё худдорӣ аз иҷрои амалҳое иборат аст, ки ҳуқуқҳои дорандаи субъектҳои ҳуқуқро поймол менамоянд.

Муносибатҳои сармоягузорӣ ба муносибатҳои **шартномавӣ** ва **ғайришартномавӣ** тақсим мешаванд. Муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ паҳн гардида, бо бастани шартномаи сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд, ки баҳри татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ равона карда шудааст. Бо ибораи дигар, тавассути бастани шартномаи сармоягузорӣ миёни сармоягузор ва давлати қабулкунандаи сармоя робитаи ҳуқуқӣ муқаррар карда шуда ва барои эҷоди муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ замина ба вуҷуд меоянд, ки ҳамчун қоида шартномавӣ эътироф карда мешаванд.

Ҳамроҳ бо муносибатҳои шартномавӣ дар муносибатҳои сармоягузорӣ муносибатҳои ҳуқуқии ғайришартномавӣ низ вуҷуд доранд. Меъёри воқеии муносибатҳои ҳуқуқии ғайришартномавӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ дар он аст, ки то пайдоиши он миёни тарафҳо робитаи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Муносибати ҳуқуқӣ миёни иштироккунандагон муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ дар уҳдадории ғайришартномавӣ вобаста ба расонидани зарар ба ҳуқуқи субъективии ҷабрдида- сармоягузор вайрон карда шудааст.

Вобаста ба объекти гузоштани сармоя муносибатҳои сармоягузорӣ **ба муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ ва ғайримоддӣ** тақсим мешаванд. Моҳияти муносибатҳои моддии сармоягузорӣ дар он аст, ки сармоя ба кадом соҳаи иқтисоди давлати қабулкунанда гузошта мешавад. Агар он ба соҳаи молумулки ғайриманқул, сохтмон ва ё соҳаи қоғазҳои қимматнок ва ғ. гузошта шуда бошад, он гоҳ ин чун муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузории моддӣ эътироф карда мешавад. Агар сармоя барои рушди илм, техника ва соҳаи сармояи инсонӣ гузошта шуда бошад, онҳоро ба муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузории ғайримоддӣ дохил кардан лозим аст.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "***Асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои сармоягузорӣ***" аз чор параграф иборат аст. Дар параграфи якуми боби сеюм "***Танзими миллӣ- ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ***" унвонҷӯй вазъи қонунгузории дохилии кишварро, ки ба танзими муносибатҳои сармоягузорӣ равона карда шудааст, мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ӯ зикр менамояд, ки моҳияти танзими миллӣ-ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷӣ аз он иборат аст, ки ба сармоягузоре, ки ба иқтисоди мамлакати дигар сармоягузорӣ мекунад, қонунгузориҳои дохилии давлати қабулкунанда, ки он сармояи хориҷиро ба иқтисодаш ҷалб менамояд, таъсири танзимкунандагии худро мерасонанд. Танзими миллӣ-ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷӣ аз меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ иборат аст. Муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ - ин муносибатҳои уфуқӣ (горизонталӣ) миёни иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ мебошад. Вақте сухан дар бораи муносибатҳои оммавӣ - ҳуқуқӣ меравад, мо бо муносибатҳои амудӣ сару кор хоҳем дошт. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки муносибатҳои оммавӣ - ҳуқуқӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ бо истифодаи санадҳои ҳуқуқи маъмурӣ - молиявӣ алоқаманданд. Баръакс, муносибатҳо миёни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ оид ба сармоягузорӣ тавассути бастан ва иҷрои шартномаҳои сармоягузорӣ хусусияти хусусӣ-ҳуқуқӣ доранд.

Аз замони ба даст овардани истиқлолият то ба имрӯз қонунгузории сармоягузории ҷумҳурӣ роҳи тӯлониро тай кардааст. Унвонҷӯй онҳоро ба якчанд давраҳо тақсим мекунад. **Давраи аввали** қонунгузории ҷумҳурӣ бо қабули Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "**Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон**” ташаккул меёбад, ки имконияти гузоштани сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишварро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки тибқи он ба сармоягузорони хориҷӣ барои амалӣ намудани фаъолиятҳои сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуда буд. Мавриди амал қарор додани Қонуни ҶТ “Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар ҶТ” аҳамияти бузурги амалӣ, иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дорад, чунки сармоягузорони хориҷие, ки ба иқтисоди кишвари дигар сармоя мегузоранд, оид ба ҳифзи сармояашон ташвиш мекашанд, ва дар робита ба ин, дар навбати аввал ба вазъи қонунгузории давлати қабулкунанда таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Қонуни ҶТ “Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар ҶТ” мафҳуми сармоя, фаъолияти сармоягузорӣ ва доираи сармоягузорони хориҷиеро ба таври муфассал танзим намудааст, ки метавонанд иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ гарданд. Муаллиф тарафҳои қавии ин санади ҳуқуқиро зикр мекунад, ки ба он **сараввал**, онро шомил кардан лозим аст, ки бо қабули ҳамин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушодро эълон намуд; **дуввум-** аз тарафи қонун имтиёзҳои андозӣ ба сармоягузорони хориҷӣ муқаррар карда шудаанд. Ва **сеюм**, фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ таъмин карда шудааст. Фазои сармоягузорӣ зикр мекунад муаллиф, дар худ навъҳои гуногуни амалҳои давлати қабулкунандаи сармоягузориро доро мебошад, ки тамоми он маҷмӯи чорабиниҳоеро фаро мегирад, ки ба манфиатҳои сармоягузорон дахл дорад, ки дар миёни онҳо ҷойи махсус ба танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ дода шудааст. **Зиёда аз ин**, давлати қабулкунанда, ки пеш аз ҳама, барои сармоягузорони хориҷӣ ***фазои сармоягузориро*** таъмин мекунад, бояд ду омили муҳимро ба назар гирад: аввалан, он бояд чунин фазои сармоягузорие таъмин намояд, ки дар он сармоягузорон ҳангоми гузоштани сармоя ва татбиқи он нороҳатӣ ҳис накунанд. Дуввум, асоси меъёрию ҳуқуқӣ, ки тавассути он режими сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ эҷод карда мешавад, бояд аз дигар давлатҳои танзимкунандаи муносибатҳои сармоягузорӣ беҳтар бошад, дар акси ҳол, воридшавии сармоя зуд коҳиш меёбад. Дар ин ракурс Пешвои милат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намудааст, ки “***дар сиёсати иқтисодии давлат мо бояд дастгирии ҳаматарафаи ташаббусҳои шахсӣ ва соҳибкориро дар назар дошта бошем. Дар мамлакати худ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мо бояд чунин фазои озоде***

***эҷод кунем, ки дар он ҳар як хоҳишманди ташкилнамоии фаъолияти соҳибкорӣ ба дастгирии давлат умед баста тавонад".*** (Эмомалӣ Раҳмон).

**Давраи дуюми** ташаккули қонунгузории сармоягузорӣ бо қабул ва дар амал ҷорӣ намудани Кодекси граждании ҶТ робитаи зич дорад. Дар моддаи 1, банди 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки "қоидаҳои муқаррар намудаи КГ ҶТ, агар дар Қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, инчунин дар мавриди муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандон, ашхоси бешаҳрвандӣ ва ашхоси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешавад". Кодекси гражданӣ ба таври кифоя муносибатҳои ҳуқуқиеро танзим менамояд, ки дар самти молумулкӣ ба миён меоянд. Он ба бозор равона карда шуда ва барои танзими муносибатҳое муқаррар гардидааст, ки дар самти молумулкӣ ба миён меоянд. Меъёри муҳими КГ ҶТ он меъёрҳое мебошанд, ки принсипҳои озод будани бастани шартномаро таҳким мебахшанд, ки тибқи он субъектҳо ҳуқуқ доранд, ки шартномаҳои аз ҷониби қонун ва ё дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинигардида ва ё пешбининагардидаро банданд.

**Давраи сеюми** рушди қонунгузории сармоягузорӣ бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "**Дар бораи сармоягузорӣ", аз 12 майи соли 2007**[1] алоқаманд аст. Аҳамияти ин қонунро набояд кам баҳогузорӣ намуд, зеро дар давраи ба таври пайваста гузариш ба бозор он дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми бузург гузоштааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки "***рушди иқтисод ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва такмили механизмҳои татбиқи онро талаб мекунад. Дар ин самт, пеш аз ҳама, зарур аст, ки қонунгузорӣ оид ба сармоягузорӣ такмил дода шуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти сармоягузорон ва танзими раванди пешниҳоди лоиҳаҳо барои сармоягузорон бевосита аз ҷониби Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар сатҳи муносиб ба роҳ монда шавад***". (Эмомалӣ Раҳмон). Аз рӯи моҳияти худ сармоягузорӣ - ин фаҳмиши мураккаб мебошад ва аз ин лиҳоз, саволи объективие пайдо мешавад: кадом молумулкро сармоягузорӣ бояд номид ва кадомашро не. Бо ақидаи унвонҷӯй молумулкро сармоягузорӣ эътироф намудан мешояд, агар он ба раванди сармоягузорӣ гузошта шуда бошад. Дар робита ба ин

---
[1] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №5, мод. 365.

муаллиф хусусиятҳои зерини онро ошкор месозад, ки ба сармоягузориҳо хосанд: ***якум***, молумулк бояд ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ гузошта шавад; ***дуюм***, молумулк бояд ба соҳиби сармоя даромади мувофиқ орад; ***сеюм***, гирифтани даромад бо истифодаи дарозмуддати молумулк дар давоми вақти тӯлонӣ асоснок карда шудааст. Баъдан, унвонҷӯй зикр мекунад, ки Қонуни эътибори худро гум кардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" фарқ миёни сармоягузорони хориҷӣ ва ватаниро дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ барҳам дод. Сармоягузорон, новобаста аз кишвари бароматди сармоя, мавқеъҳои якхелаи ҳуқуқӣ доштанд, яъне, новобаста аз георгафияи баромади сармоя онҳо аз кафолатҳо ва имтиёзҳои якхелаи ҳуқуқие истифода мебурданд, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сармоягузорӣ муқаррар карда шудаанд, ки ин ба таври пурра ба манфиатҳои сармоягузорони на танҳо хориҷӣ, балки ватанӣ низ мувофиқ буд.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "**Дар бораи сармоягузорӣ", аз 15 марти соли 20016**[2] ҷараёни инкишофи қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон **ба давраи чоруми** рушди худ ворид мегардад. Қонуни зикргардида режими ҳуқуқии сармоягузорӣ ва ҳифзи онро таҳким мебахшад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки қонуни дар бахши сармоягузорӣ амалкунанда як қатор бартариятҳо дорад: аввалан, он номгӯи кафолатҳоеро, ки ба сармоягузорон муқаррар мешаванд, хеле васеъ гардонид; дуввум, ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ тартиби якхела муқаррар намуда, таъсири танзимкунандаашро ба тамоми сармоягузорон, новобаста аз кишвари баромади сармоя паҳн менамояд.

Танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ роҳи ягонаи таъмини тартиби сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвари қабулкунандаи сармоя нест. Охирин барои воридшавии бештари сармоя бояд ба таври мусоид ҳавасмандсозиҳои иқтисодию ҳуқуқиро барои сармоягузорон таъмин созад. "Дар шароити нави хоҷагидорӣ таъмин дастовардҳои натиҷаи ниҳоӣ бояд ба таври хуб ба ҳавасмансозиҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ мусоидат намояд. Ин меъёрҳо метавонанд ки на танҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, балки дар шартномаҳо бо дарназардошти дурнамои гирифтани неъматҳои муайян муқаррар карда шаванд" (Раҳимов М.З.). Дар робита бо

[2] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №3, мод.152.

ин барои таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ аз тариқи ҳавасмандсозиҳои иқтисодию ҳуқуқӣ, давлати қабулкунанда бояд барои сармоягузорон имтиёзҳои муайян муқаррар намояд. Ин вазифаҳо бояд бо роҳи ҷудо карда шудани соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқ ба сифати афзалиятнок ҳаллу фасл карда шаванд. Ба назар гирифтан лозим аст, ки қисми зиёди ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро (зиёда аз 93%) кӯҳҳо пӯшонида, танҳо 7% ҳудуди ҷумҳурӣ барои эҳтиёҷи хоҷагии халқ истифода бурда мешавад. Барои ҳамин яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисод бояд **хоҷагии қишлоқ** бошад. Аҳамияти замин, махсусан заминҳои таъиноти кишоварзиро, дар шароити имрӯза, вақте ки теъдоди аҳолӣ афзуда истодааст, баҳогузорӣ намудан мушкил аст. Дар чунин вазъ талаботи мардум ба маҳсулоти кишоварзӣ бешакку шубҳа, меафзояд. Айнан дар ҳамин соҳа маҳсулоти ниёзи мардум истеҳсол мешаванд. Он мамлакатро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин карда, бо ин талаботи аҳолиро бо маҳсулоти ҳаётан муҳим қонеъ мегардонад.

Бахши дигари афзалиятноки иқтисод бояд **корхонаҳои бо коркарди маҳсулоти хом машғулбуда** ҳисобида шаванд, яъне фаъолияти низомномавии чунин ташкилотҳо бояд бевосита ба самти истеҳсоли маҳсулоти нав, ки бо азнавсозӣ бо технологияи пешрафта асос ёфтаанд, нигаронида шуда бошад. Самти дигари афзалиятноки хоҷагии халқ бояд **захираҳои табиӣ** бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ хеле бой аст. Бахши навбатии афзалиятнок бояд **сохтмони роҳҳо ва иншооти нақбӣ** гардад. Аҳамияти онҳоро дар шароити имрӯзаи бозор баҳогузорӣ намудан душвор аст, зеро тавассути сохтмони роҳҳо имконияти баромадани ҷумҳурӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ ва воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ ба амал меояд.

Бахши ниҳоии афзалиятноки иқтисоди ҷумҳуриро унвонҷӯй **нерӯгоҳҳои барқи обӣ** меҳисобад. Аҳамияти ин соҳаи хоҷагии халқро баҳогузорӣ намудан душвор аст, зеро бо ҷалби сармоя ба соҳаи ишорагардида ҷаззобияти сармоягузории мамлакат дар миёни саромоягузорон, махсусан хориҷиён, хоҳад афзуд. Дар робита ба ин зарурати дар қонунугзории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ додани имтиёзҳо ба сармоягузороне асоснок карда мешавад, ки дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисод сармоягузорӣ менамоянд, ки ба шумули онҳо дохил мешаванд: **кишоварзӣ, корхонаҳое, ки бо истеҳсол ва коркарди маҳсулот**

**машғуланд, нерӯгоҳҳои барқи обӣ, захираҳои табиӣ, сохтмони роҳҳо ва иншооти нақбӣ**.

Параграфи дуюми боби сеюм “***Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***” ба таҳлили танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ бахшида шудааст. Дар шароити гузариши пайваста ба муносибатҳои бозаргонӣ танзими ҳуқуқии раванди сармоягузорӣ асосан тавассути қонунгузории дохилии давлате амалӣ карда мешавад, ки сармояро қабул мекунад. Чунин таҷриба дар тамоми мамлакатҳое, ки гузариши пайваста ба муносибатҳои бозаргонӣ нигаронида шудааст, амал мекунад. Вале бо мақсади аз берун ворид намудани сармоя барои давлати қабулкунанда танзими муносибатҳои сармоягузорӣ танҳо тавассути қонунгузории дохилӣ ба таври аёнӣ кифоя нест. Бо дарназардошти ин, қариб тамоми давлатҳо дар танзими муносибатҳои сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар баробари танзими қонунгузории дохилӣ, инчунин ба меъёрҳои муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии сармоягузорӣ байналмилалӣ муроҷиат мекунанд. Чунин муқаррарот барои сармоягузорони хориҷӣ аҳамияти калон дорад, зеро асосҳои иловагӣ барои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва сармоя ба амал омада, таъмини мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда мешавад. Фарқи танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ аз қонунгузории дохилӣ аз инҳо иборат аст: аввалан, танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ барои танзими муносибатҳои сармоягузорӣ бо иштироки ширкатҳои сармояи хориҷӣ равона карда шудааст. Сониян, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сармоягузорони хориҷӣ кафолатҳои иловагии ҳуқуқӣ ва имкониятҳои ҳифзи ҳуқуқии сармояи онҳоро пешниҳод мекунад. Ва, сеюм ин ки танзими ҳуқуқи байналмилалии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути шартнома ва созишномаҳои байнидавлатӣ амалӣ карда мешавад. Зикр бояд кард, ки он давлате, ки иқтисодиёти он ба механизмҳои иқтисодиёти бозаргонӣ нигаронида шудааст, бешак, барои ҷалби сармоягузориҳои беруна кӯшиш мекунад. Вобаста ба ин, давлат бо мақсади ҷалби сармоя бо кишвари сармоягузори хориҷӣ, яъне бо давлати содиркунандаи сармоя созишномаҳои байналмилалии ҳуқуқӣ мебандад. Чун қоида, ин санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ барои ташаккулёбӣ ва рушди муносибатҳои сармоягузорӣ миёни

тарафҳои он, яъне, давлати қабулкунанда ва давлати воридкунандаи сармоягузорӣ таконе мегарданд.

Дар бахши танзими муносибатҳои сармоягузорӣ созишномаҳои байналмилалии бисёрҷониба аҳамияти калон доранд, ки ба ҷумлаи онҳо шомил мешаванд: Конвенсияи Вашингтонии соли 1965 "Оид ба тартиби ҳаллу фасли баҳсҳои сармоягузорӣ"; Конвенсияи Сеул "Дар бораи таъсиси агенти бисёрҷониба оид ба кафолатҳои сармоягузорӣ" дар соли 1985; Қарордодҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ оид ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ аз соли 1993, ки байни давлатҳои узви ИДМ дар Ашқобод баста шуда буд, ва Конвенсияи москвагии соли 1997 "Оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон", ки идомаи конвенсияи якум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ миёни давлатҳои ИДМ буд. Дар фазои ИДМ аз ҷумла Шартнома "Оид ба тартиби ҳаллу фасли баҳсҳое, ки бо амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ алоқаманданд", аз 20 марти соли 1992, ки дар шаҳри Киев (Украина) баста шуда буд. Давоми мантиқии муҳтавои созишномаҳои зикргардида Қарордод "Оид ба тартиби иҷрои дутарафаи судҳои арбитражӣ, хоҷагидорӣ ва иқтисодӣ дар ҳудуди кишварҳои аъзои Иттиҳод" мебошад.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конвенсияи Вашингтон "***Оид ба тартиби ҳаллу баҳсҳои сармоягузорӣ миёни давлатҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ***" ҷои намоёнро ишғол мекунад. Унвонҷӯй зикр менамояд, ки Конвенсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини танзими баҳсҳои сармоягузорӣ дар соҳаи амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шудааст. Мутобиқи ин Конвенсия давлат ва сармоягузори хориҷӣ иштироккунандагони баҳсҳои сармоягузорӣ эътироф карда мешаванд. Агар мақоми охирин чун мақоми шахси воқеӣ муайян шуда бошад, он гоҳ вазъи ҳуқуқии давлат чун иштирокчии баҳси сармоягузорӣ, бо соҳибихтиёрии ӯ бевосита алоқаманд аст. Вобаста ба ин созишномаҳои ишорагардида, ки бо сабаби баҳсҳои сармоягузорӣ байни давлат ва сармоягузори хусусии хориҷӣ ба амал меоянд, номи "баҳсҳои диагоналӣ"-ро гирифтаанд. (Крупко С.). Сохтори Конвенсияи Вашингтон "***Оид ба тартиби ҳаллу баҳсҳои сармоягузорӣ миёни давлатҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ***" масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: меъёрҳои муайянкунандаи МСРИС барои ҳаллу фасли баҳсҳои сармоягузорӣ; меъёрҳое, ки барои гузаронидани расмиятҳои оштидиҳанда равона карда

шудаанд; нуктаҳои тартиби арбитражии танзим баҳсҳо; тартиби иҷрои қарорҳои Марказ.

Дар муҳити илмӣ ва амалӣ муқаррарот оид ба тартиби арбитражии танзими низоъҳои сармоягузорӣ нисбатан муҳим арзёбӣ мегардад. Барои баррасии баҳси сармоягузорӣ тарафҳо бояд ба Дабири куллии Конвенсия ариза пешниҳод намоянд. Тибқи модд. 42 Конвенсия, арбитраж баҳсро мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқ, бо дарназардошти ризоияти тарафҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар ҳолати набудани созишномаи тарафҳо арбитраж меъёри давлати созишкунандаро қабул мекунад, ки ба сифати тарафҳо дар баҳс иштирок мекунад, ҳамчунин, он меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки метавонанд истифода бурда шаванд. Агар арбитраж ба хулосае ояд, ки дар ҳаллу фасли аз рӯи моҳияти баҳс меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро чун дастур истифода бурдан лозим аст, вале он аз ҷониби давлатҳо-иштирокчиёни баҳс эътироф ва ё қабул карда нашудаанд, он гоҳ онҳо метавонанд, ки бо созиши тарафҳо истифода бурда шаванд, агар ин дар шартномаи тарафҳо ба назар гирифта шуда бошад. Ҳамзамон, ба арбитраж ҳуқуқи баровардани қарор бо асос ба принсипҳои адолат ва виҷдони пок (ex aequo et bono) дода шудааст, агар тарафҳо дар ин бора ба як қарор оянд.

Зикр бояд кард, ки моддаи 25-и Конвенсияи Вашингтон ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқиеро ба назар мегирад, ки дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ ба амал меоянд, агар ба ин ризоияти хаттии иштироккунандагони баҳсҳо оид ба додани ин низоъ барои ҳаллу фасли он ба Марказ мавҷуд бошад. Ин қоидаи ниҳоят муҳим аст, ки қоидаҳои созишнамоии рафтори иштироккунандагони баҳсҳои сармоягузориро барои ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ мустаҳкам мегардонад. Барои он ки Марказ ин мурофиатро ба истеҳсолот қабул намояд, талаботи зарурии таснифдиҳанда эътирофи Конвенсияи мазкур аз ҷониби давлати қабулкунандаи сармоя мебошад, ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол тасдиқ накардааст, ки ин боиси баҳсҳо дар илми ватании граждании сивилистикӣ гардидааст. (Менглиев Ш.М., Раҳимов М.З., Бозоров Р.Б.). Унвонҷӯй зикр мекунад, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ва таъмини нисбатан самараноки фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, ин Конвенсияро қабул намудан мувофиқи мақсад мебуд. Бо эътирофи ин Конвенсия Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти аъзогиро дар дигар созмонҳои

байналмилалӣ низ ба даст меорад, ва дар робита ба ин зарурати бастани созишномаҳои дуҷониба оид ба ҳавасмандсозӣ ва ҳифзи сармоягузорӣ аз байн меравад.

Дар параграфи сеюми боби сеюм “***Таносуби мутақобилаи танзими миллӣ ва байналмилалӣ дар муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***”, унвонҷӯй таносуби қонунгузории дохилиро бо танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии сармоягузорӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Зикр менамояд, ки аҳамияти ин масъалаи ҳуқуқӣ дар он аст, ки мақоми ҳуқуқии сармоягузор, махсусан хориҷӣ аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ муайян карда шудааст. Вале масъалаҳои танзими муносибатҳои сармоягузорӣ тавассути танҳо меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ манфиатҳои онҳоро ба таври пурра ба назар намегирад. Барои сармоягузорони хориҷӣ, ки ба иқтисоди давлати дигар сармоягузорӣ менамоянд, он чизе афзалиятнок ҳисобида мешавад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо бо ёрии на танҳо меъёрҳои миллии меъёрӣ-ҳуқуқии давлати қабулкунанда амалӣ карда шавад, вале ба он кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки фаъолияти онҳо бо санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ низ ба танзим даровarda шаванд. Барои ҳамин сармоягузорони хориҷӣ ба танзими фаъолияти онҳо дар раванди сармоягузорӣ ҳам бо санадҳои меъёрии миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқӣ манфиатдоранд, ки ин комилан муҳим арзёбӣ мешавад. Дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ кафолат маҳсуб гардида ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ такони нав медиҳанд ва онҳо бо қонунгузории дохилии давлати қабулкунандаи сармоя зич ҳамкорӣ намуда, барои танзимнамоии муносибатҳое равона карда шудаанд, ки дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ ба амал меоянд.

Дар параграфи чоруми боби сеюм “***Кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузорон тибқи қонунгузори ҶТ***”, унвонҷӯй зикр менамояд, ки барои ҷалби сармоя ба иқтисоди давлати қабулкунанда, охирин бояд фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам орад, ки он ба манфиатҳои сармоягузорон созгор бошад. Вале тартиби сармоягузорӣ нокифоя мешавад, агар дар қонунгузорӣ таъмини кафолатҳои муносиби ҳуқуқӣ барои сармоягузорон ба назар гирифта нашаванд. Чунки воридшавии сармоя ба андозаи калон аз асоси зарурии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад, ки сармоягузориеро танзим менамояд, ки барои сармоягузор шароити мувофиқро ба

хотири амалинамоии сармоягузорӣ таъмин месозад. Зиёда аз ин, сармоягузор, ки пулашро ба иқтисоди давлати қабулкунанда мегузорад, бояд ба ҳифзи ҳуқуқии моликияти худ ва ҳифзи сармоя дар ҷараёни амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ бовар дошта бошад. Барои ҳамин давлати қабулкунанда бо мақсади ҷалби сармоягузорӣ аз берун ва кам кардани норасоии сармоя дар бозори дохилӣ, шароити мусоидро барои сармоягузороне эҷод ва ҳифз менамояд, ки фаъолияти сармоягузориро амалӣ месозанд. Ин агар ба забони ҳуқуқ баргардонида шавад, давлат дар сатҳи қонунгузорӣ ба сармоягузорон кафолатҳои ҳуқуқӣ вогузор мекунад, то ин ки дар онҳо шубҳа аз эҳтимолияти маҳрум шудан аз сармояашон рӯй надиҳад. Чуноне ки сармоягузориҳо бо таваккалҳои муайян асос ёфтааст, муқаррар кардани кафолатҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби давлати қабулкунанда ба сармоягузорон бошад, эътимод ва оромиро барои ба таври муқаррарӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ машғул шудан фароҳам меорад. Зиёда аз ин, пешниҳоди кафолатҳо аз ҷониби давлати қабулкунандаи сармоя маънои онро дорад, ки давлати воридкунанда уҳдадории дахлнопазирии сармояи сармоягузорро ба зиммаи худ мегирад.

Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” низоми кафолатҳоеро ба таври назаррас васеъ гардонидааст, ки барои сармоягузорон муқаррар намудааст. Ба доираи кафолатҳои ҳуқуқӣ он кафолатҳои ҳуқуқии зеринро қонунгузор муқаррар кардааст: кафолати баробарии ҳуқуқҳои сармоягузор (мод.7); кафолати ҳифзи ҳуқуқии сармоягузор (мод.8); кафолатҳои иловагӣ ва чораҳои ҳифзи сармоягузорон (мод.9); кафолати ҳуқуқи истифодабарии даромадҳо (мод.10); амалиётҳои асъорӣ (мод.11); кафолати иштироки сармоягузор дар хусусигардонии моликияти давлатӣ (мод.12); шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муносибат бо сармоягузорон ва дастрасӣ ба иттилооте, ки бо амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманд аст (мод.13); кафолати ҳуқуқҳои сармоягузор ҳангоми экспроприасия ва реквизисия (мод. 14); додани ҳуқуқи сармоягузор ба шахси дигар (мод.15); кафолати ҳуқуқҳои сармоягузор дар бурдани моликият ва иттилоот ба хориҷа (мод. 16); ҳуқуқҳои сармоягузор дар истифодабари захираҳои табиӣ (мод. 17); кафолат ба сармоягузоре, ки аз нав сармоягузориро амалӣ менамояд (мод. 18).

Боби чоруми таҳқиқоти диссертатсионӣ “***Шартномаҳои сармоягузорӣ: мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, таркиб***” аз ду параграф иборат аст.

Параграфи якуми боби чорум “***Тафсири шартномаҳои сармоягузорӣ***” ба яке аз масъалаҳои баҳсбарангези илми ҳуқуқшиносӣ, яъне масъалаҳои табиати ҳуқуқии шартномаҳои сармоягузорӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯй зикр менамояд, ки дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ шартномаҳои сармоягузорӣ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад, ки бо он пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ алоқаманданд. Бо баста шудани он шартҳои пешакӣ оид ба гузоштани сармоя ва амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ба амал меоянд. Унвонҷӯй зикр менамояд, ки масъалаҳое, ки бо конструксияи шартномаи сармоягузорӣ алоқаманданд, на ин ки Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ”, кушода мондааст, балки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ табиати ҳуқуқии ин шартномаро танзим намекунад, ки ин боиси пайдоиши мубоҳисоти зиёд дар миёни ҳуқуқшиносон дар масъалаи тафсир ва мақоми он дар низоми шартномаҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ гардидааст (Сокол П.В., Мороз С.П., Самархоҷаев Б.Б.). Гуфтаҳои болоиро натиҷагирӣ намуда, унвонҷӯй ба ҳимоя мафҳуми муаллифии шартномаи сармоягузориро пешниҳод менамояд: “***Шартномаи сармоягузорӣ – ин созиши ширкаткунандагони раванди сармоягузорӣ оид ба гузоштани объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад***”.

Дар параграфи дуюми боби чорум “***Намудҳои шартномаҳои сармоягузорӣ***” унвонҷӯй намудҳои асосии шартномаҳои сармоягузориро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар шароити имрӯза шартномаҳои – ҳуқуқӣ- гражданӣ дар соҳаи сармоягузорӣ хеле рушд намудаанд. Ба онҳо шомил намудан мумкин аст: лизинг; шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ); шартномаи бо боварӣ асосёфтаи омехта; шартномаи оид ба хариду фурӯши қоғазҳои қимматнок.

Дар байни шартномаҳои сармоягузорӣ шартнома дар соҳаи истифодаи қаъри замин ба таври васеъ паҳн гардидаанд, ки дар онҳо ҷойи махсус ба шартномаи консессионӣ дода шудааст. Айни замон Қонуни қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консессияҳо”, аз 26 декабри соли 2011, моҳиятан аз Қонуни эътибори худро гумкардаи ҶТ “Дар бораи консессияҳо”, аз 15

майи соли 1997 фарқ мекунад. Афзалияти Қонуни нави ҶТ “Дар бораи консессияҳо” дар он аст ки он дар худ пешниҳодоти сохториеро муттаҳид гардонидааст, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ вуҷуд доранд, ки барои мукаммалгардонии санади қаблан амалкунандаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ равона гардидаанд. Дар робита ба ин ифода, ба сифати объекти имтиёз ишора гардида буд: “...**замин бо ҳуқуқи истихроҷи канданиҳои фоиданок**”, баъдан тибқи матн. Чунин тафсир, ба андешаи мо, бебарор буд, зеро канданиҳои фоиданок, чун қоида, дар қаъри замин ҷойгиранд. Онҳоро тавассути аз қабати ғафси замин истихроҷ намудан ба даст меоранд. Барои ҳамин пешниҳод гардид, ки тафсири ҷумлаи мазкур тағйир дода шуда, ба тарзи зерин шарҳ дода шавад: “... **замин ва қаъри он бо ҳуқуқи истихроҷи канданиҳои фоиданок**”, баъдан тибқи матн. Боз як лаҳзаи муҳим: ҳамзамон бо истихроҷи қаъри замин имконияти ҷустуҷӯ, иктишофи мавқеи ҷойгиршавии канданиҳои фоиданок фароҳам меояд, вале дар мафҳуми имтиёз, ки дар Қонуни ишора гардидааст, ин вуҷуд надошт, барои ҳамин илова кардани объектҳои имтиёз бо ибораҳои “**ҷустуҷӯ ва иктишофи мавқеи ҷойгиршавии канданиҳои фоиданок**” мувофиқи мақсад мебуд. Ҳарчанд ки ин дар Қонун ба назар гирифта нашудааст, вале ба ҳар ҳол, сармоягузорон дар ҷумҳурӣ бо ин машғуланд. Дар робита бо ин пешниҳод оид ба зарурати баъди кадимаи “**истихроҷ**” илова кардани калимаҳои “**инкишоф ва ҷустуҷӯ**” ба миён омада буд, баъдан тибқи матн.

Шартномаи консессия ягона шартнома дар соҳаи истифодаи қаъри замин нестанд. Ба онҳо зарур аст, ки **шартномаро оид ба тақсими маҳсулот** низ шомил намуд, ё ин ки чи тавре онро дар тамоми дунё меноманд, “**продакшен шеринг**”. Моҳият ва аҳамияти он дар он аст, ки давлат бо шароити муайян соҳибият ва истифодаи қаъри заминро бо мақсади ҷустуҷӯ, иктишоф ва истихроҷи канданиҳои фоиданок барои моликияти муваққатӣ дар ихтиёри сармоягузор мегузорад.

Боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ “***Ҷавобгарии тарафҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ***” аз се параграф иборат аст.

Дар параграфи якуми боби панҷум “***Хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ***”, унвонҷӯй хусусиятҳои ба худ хоси ҷавобгарии ҳуқуқии сармоягузориро барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ баррасӣ

менамояд. Зикр менамояд, ки масъалаҳои ҳуқуқии ҷавобгариҳо дар соҳаи сармоягузорӣ ҳанӯз ба таври кофӣ коркард нашудаанд ва қонунгузор ин масъаларо алҳол кушода боқӣ гузоштааст. Барои ҳамин ҳам ҳангоми истифодабарии ҷавобгарӣ нисбати иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ аз тарзҳои классикии ҷавобгарӣ кор гирифтан лозим аст, ки инҳо маҳсуб мегарданд: ҷавобгарии гражданӣ; ҷавобгарии маъмурӣ; ҷавобгарии моддӣ; интизомӣ ва ниҳоят, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Дар параграфи дуюми боби панҷум "***Ҷавобгарии ғайришартномавӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ***"масъалаҳои ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Унвонҷӯй зикр менамояд, ки ҷавобгарӣ ғайришартномавӣ номида мешавад, агар алоқаи ҳуқуқӣ байни иштироккунандагон то пайдоиши он мавҷуд набошад, яъне уҳдадориҳое, ки бо шартнома асоснок карда нашудаанд, ва ҳамчун қоида, шарти пешакии пайдоиши онҳо санади расонидани зарар мебошад. Аз ин хотир, барои пайдоиши ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ мавҷудияти шартҳои зерин зарур аст, ки инҳо маҳсуб мегарданд: 1) рафтори зиддиҳуқуқӣ. 2) мавҷудияти зарар. 3) алоқаи сабабӣ байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва пайдоиши натиҷаи манфӣ. 4) гуноҳ. Дар робита бо ин аз ҷониби унвонҷӯй хусусиятҳои тақсимшавии асосҳои умумии ҷавобгариҳои гражданӣ - ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад. Исбот гардидааст, ки дар уҳдадориҳои ғайришартномавӣ бартарӣ рафтори зиддиҳуқуқӣ маҳсуб мегардад, зеро бо набудани ин шароит сухан наметавонад, ки оид ба ҷавобгарӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ равад.

Дар параррафи сеюми боби панҷум "***Тартиби баррасии баҳсҳои сармоягузорӣ***" унвонҷӯй механизмҳои баррасии баҳсҳои сармоягузориро таҳлил менамояд. Дараҷаи ҷаззобияти сармоягузории давлате, ки сармоя қабул менамояд, аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад, аз ҷумла аз тартиби ҳаллу фасли баҳсҳо оид ба сармоягузорӣ. Ба ин махсусан сармоягузорони хориҷӣ манфиатдоранд, ки барои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон режими (низоми) миллӣ муқаррар карда шудааст. Барои субъекти баҳси сармоягузорӣ гардидан, иштироккунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ бояд инҳоро доро бошанд: аввалан, ба мақоми сармоягузор; дуввум, ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоя гузоранд; ва сеюм, ба сармоягузорӣ машғул

бошанд. Аз дидгоҳи қонунгузорӣ муайян кардани мафҳуми баҳси сармоягузорӣ ба моҳияти меъёрҳои баҳси сармоягузорӣ – чун низоъе равшанӣ меандозад, ки миёни ширкаткунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ ба амал меоянд. Вале мафҳуми баҳси сармоягузорӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" оварда шудааст, ба мо асос медиҳад, то чунин ҳисобем, ки ифодаи мафҳуми мазкур аз камбудиҳо холӣ нест. Аз муайянкунии ҳуқуқии мафҳуми баҳси сармоягузорӣ бармеояд, ки баҳси сармоягузорӣ миёни ширкаткунандагони фаъолияти сармоягузорӣ ҳангоми амалисозии сармоягузорӣ ба амал меояд. Дар асл ҳамин тавр аст. Вале баҳси сармоягузорӣ миёни ширкаткунандагони фаъолияти сармоягузорӣ метавонад, ки то ба амалисозии сармоягузорӣ низ ба миён ояд. Масалан, бо ҳаллу фасли масъала оид ба роҳ додани сармояи хориҷӣ ба амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ, ҳангоми тартиб додани лоиҳаи шартнома оид ба фаъолияти сармоягузорӣ, бо муайян кардани объекте, ки ба он сармоя гузошта мешавад. Тибқи қоида, дар ҳолати мазкур миёни сармоягузор, новобаста аз он ки ӯ хориҷӣ аст ва ё ватанӣ, муносибатҳои ҳуқуқие пайдо мешаванд, ки барои бастани шартномаи дар пешистода оид ба сармоягузорӣ равона гардидаанд, яъне сухан бояд оид ба гуфтушунидҳо миёни ширкаткунандагони раванди сармоягузорӣ вобаста ба гузоштани сармоя равад. Ба андешаи мо, дар ин марҳилаи муносибатҳо миёни тарафҳои муносибатҳои сармоягузорӣ алҳол амалисозии фаъолитяи сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорон вуҷуд надорад, зеро ҳанӯз муайян нест ва ҳамзамон механизми гузоштани сармоя ҳаллу фасл нагардидааст. Барои ҳамин аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки баҳс оид ба сармоягузорӣ метавонад то ба оғози амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ низ ба миён ояд.

Дар робита ба ин унвонҷӯй ба ҳимоя ифодаи муаллифии мафҳуми баҳси сармоягузориро пешниҳод мекунад: "***баҳси сармоягузорӣ - ин низоъест, ки бо сармоягузории субъектҳое асос ёфтааст, ки онҳоро сармоягузор ва давлати қабулкунанда, аз ҷумла, дигар ширкаткунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ низ эътироф мекунанд, ки бо омодагӣ, бастан ва иҷрои муносиби қарордоди сармоягузорӣ алоқаманд буда, ба амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ равона гардидааст***".

Дар ***хулоса*** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳодоти унвонҷӯй баён гардидаанд, ки ба хотири

мукаммалгардонии қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

## Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар маводи интишории зерини муаллиф дарҷ шудаанд:

### I.Китоби дарсӣ

1. БозоровР.Б. Инвестиционное право. Душанбе:Матбуот,2008.-479с.(30п.л.).

### II.Монография

1.Бозоров Р.Б.Правовое регулирование инвестиционных отношений. - Душанбе: типография ТНУ,2012.-218с.(10п.л.).

### III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:

1.Правовые проблемы инвестиционной поддержки малого и среднего бизнеса в РТ. // Вестник ун-та, №2-С.49-53,- Душанбе,2002.

2. Метод правового регулирования Инвестиционного права. - Душанбе, //Вестник Таджикского Национального Университета.3/4(90) 2012.

3.Формирование Инвестиционного права. - Душанбе, //Вестник Таджикского Национального Университета.3/4(90) 2012.

4.Правовое регулирование инвестиций в отдельных сферах экономики. Душанбе // Вестник Таджикского Национального Университета.3/1(128). 2014.

5.Классификация инвестиционных правоотношений.//Вестник Таджикского национального университета.3/3(166).2015.

6.Динамика инвестиционных правоотношений.//Вестник национального университета.3/4(170).2015.

7.Двусторонние соглашения «О поощрении и взаимной защите инвестиций».//Вестник национального университета.3/6(176).2015.

8.Развитие законодательства Республики Таджикистан об инвестициях: проблемы реализации. //Вестник Пермского Университета 2015. Выпуск3(29).с.39-47: проблемы реализаций.

9. Значение инвестиций в приоритетных секторах экономики. //Вестник Университета№3(50)2015г. стр.22-26.

10. Место инвестиционного права в системе права Республики Таджикистан. //В мире научных открытий.№5(65).2015. С.514-518.

11.Сущность института инвестиций. //Известия Сочинского Государственного Университета.№2(35)июнь 2015.С.28-31.

12.Правовая природа инвестиционной деятельности. «В мире научных открытий». №5. (65). 2015г. С.518-524.

13. Инвестиционная и предпринимательская деятельности: сходства и различия.//Вестник национального университета.3/5(173).2015.

14. Совершенствование понятия инвестиций по законодательству Республики Таджикистан. Вестник Таджикского национального Университета №2/3(201).2016г.с.195-199.

15.Взаимодействие внутреннего и международного правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан. Вестник Таджикского национального Университета.№2/2(197).2016г.с.176-179.

**IV. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

1. Порядок определения объема и размера возмещения вреда. //Государство и Право.№3.1998. -С.47-54, Душанбе.

2.Место гражданского Кодекса Республики Таджикистан в переходной период рыночной экономики. //Гражданское право Республики Узбекистан за десять лет её независимости: материалы Международной научно- теоретической конференции. – С.90-94.-Ташкент, 2001.

3.Некоторые вопросы субъектов инвестиционной деятельности.//Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 10-летию 16 сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 12-го созыва. -С.146-147.- Душанбе,2002.

4.Некоторые проблемы совершенствования законодательства.//Труды Академии/МВД. –Душанбе ,2012.С.135-139.

5. Договор концессии в системе мер по рациональному использованию водных ресурсов.//Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной международному году пресной воды «Человек и вода: история развития, настоящее и будущее».-С.142-143. - Душанбе,2003.

6.К вопросу о совершенствовании проекта Закона РТ «Об инвестиции».//Материалы научно-теоретической конференции профес-

сорско-преподавательского состава и студентов, посвященной «15-й годовщине Независимости Республики Таджикистан».- Душанбе,2006.С.99-100.

7.Концепции Инвестиционного права в цивилистической науке. //Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов. Часть2.- Душанбе.2007.С.236-237.

8.Гарантии защиты прав человека-инвестора.// Государство и право №3. 2007-С.47-49.

9.Понятие инвестиции и инвестиционной деятельности.//Проблемы международного публичного и частного права: теория и практика.2008.-С.121-126.-Душанбе.

10.Национальное и международное правовое регулирование инвестиций. //Государство и право.№3.2008.-С.32-39.

11.Частно-правовое регулирование инвестиционных отношений. //Проблемы развития гражданского законодательства РТ. Материалы научно-практической конференции. Душанбе,2009.-С.370-384.

12.Инвестиционная деятельность в сфере недропользования. //Государство и право.№2.-Душанбе,2008. С.100-101.

13.Правовые проблемы разрешения инвестиционных споров в Республике Таджикистан. //Вестник Института законодательства Республики Казахстан №1 (21) 2011.-С.77-80.

14.Правовая природа инвестиционного договора. //Государство и право №1 2012, -С.76-82

15.Соотношение международного и национального законодательства об инвестиции.//НакшиКонститутсия дар инкишофисохахоихукук дар ЧумхурииТочикистон.(Маводхоиконфронсиилми–назариявибахшида ба 17-солгарди кабулиКонститутсияиЧумхурииТочикистон) - Душанбе,2012.-С.52-60.

16.Классификация инвестиционных договоров. //Обзор законодательства Узбекистана.№1,Ташкент,2012-С.27-31.

17. К вопросу о совершенствовании правовых гарантий субъектов инвестиционной деятельности по законодательству Республики Таджикистан. Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы, посвященная научной деятельности заслуженного юриста Республики Таджикистан, выдающегося ученого, доктора юридических наук, профессора Ш.Менглиева. Международная научно – практическая конференция. Душанбе.2015.-С.21-27.

18.К вопросу о правовой защите инвестиций по законодательству Республики Таджикистан. Развитие судебного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан. Душанбе 2015.С.151-158.

19.К вопросу о государственных гарантиях в сфере трудовых отношений./Государствоведение и права человека.1(01) выпуск2016.Стр.130-134.

20.К вопросу о частноправовых и публично-правовых механизмах регулирования инвестиционных отношений. Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. Душанбе. 2016.Стр.393-398.

21.Кодификация нового трудового законодательства Республики Таджикистан./Правовая жизнь№3(15)2016.Стр.138-143.

22.К вопросу о трудовых отношениях инвестора с работниками предприятий с иностранными инвестициями./Правовая жизнь. №1(13)2016.Стр.109-114.

23.Правосубъектность в инвестиционных правоотношениях/Право современного Таджикистана. (Сборник научных трудов) Часть3.Под ред. д-ра юридических наук, профессора Рахимзода М.З.Душанбе 2016.С.225-237.

24.Динамика инвестиционного законодательства Республики Таджикистан./Правовая жизнь.№1(17)2017.Стр.125-133.

25.Вклад Лидера нации Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в формировании и развитии законодательства республики об инвестициях.//Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Лидер нации Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон основатель предпринимательского и туристического законодательства» посвященной Дню Президента Республики Таджикистан. Душанбе.2017.Стр.24-31.

## Аннотация
## на диссертацию Бозорова Раджаба Байназаровича на тему: «Теоретические проблемы правового регулирования инвестиции в Республике Таджикистан: концепции и правоприменение», представленной на соискание ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.03.-гражданское право; семейное право; предпринимательское право; международное частное право

Диссертация Бозорова Раджаба Байназаровича посвящено к вопросам правового регулирования инвестиции, от позитивного их решения зависят нормальное функционирование национальной экономики, так как перспектива ее развития непосредственно зависит от степени урегулированности отношений, возникающих в инвестиционной сфере. Однако с теоретической стороны глубокого и обстоятельного анализа этой правовой проблемы, подчеркивает, диссертант не было проведено, более того, многие вопросы правового регулирования инвестиций остались неисследованными, что требует адекватного их разрешения. Диссертант отмечает, что с привлечением инвестиций разрешаются вопросы как экономического, так и социального характера, потому что инвестиций, по мнению диссертанта - это дополнительные ресурсы, прежде всего это новое оборудование, техника и технологии, вместе с тем посредством их вовлечения создаются новые рабочие места, решаются вопросы, связанные с обеспечением занятости населения. Поэтому в условиях рыночных отношений привлечение инвестиции, приобретает актуальное значение для экономики Республики Таджикистан, если не основное. В диссертации анализируется правовая природа и факторы, определяющие инвестиции. Рассматриваются динамика инвестиционных правоотношений, субъекты и объекты инвестиционного правоотношения. Дается теоретическое определение понятий, таких как: »инвестиции», »инвестиционное деятельность», »инвестиционные договоры», »инвестиционные споры», и ставится ряд проблем, требующих научного обоснования. В заключении диссертант вносит предложений направленное на совершенствованию гражданского законодательства Республике Таджикистан.

**АННОТАТСИЯ**

**ба диссертатсияи Бозоров Раҷаб Байназарович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо ва ҳуқуқтатбиққунӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Рисолаи доктории Бозоров Раҷаб Байназарович ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ бахшида шудааст. Масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ

ба ҳисоб рафта, аз ҳаллу фасли мусбати он сатҳи муътадили иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад, зеро дурнамои рушди он аз дараҷаи танзимнамоии муносибатҳое вобаста аст, ки дар муҳити сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд. Рисолаи мазкур ба ин масъала бахшида шуда, муаллиф ҷанбаҳои назариявии танзими ҳуқуқии сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар рисола мафҳум, фаъолият, муносибатҳо, баҳсҳо ва шартномаҳои сармоягузорӣ таҳлил гардида, таснифоти он гузаронида шудааст. Унвонҷӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ субъект ва объектҳои муносибатҳои сармоягузориро муайян кардааст. Ҳамзамон кафолатҳои фаъолияти сармоягузориро таҳқиқ намуда, онҳоро ба миллӣ ва байналмилалӣ ҷудо намудааст. Ба андешаи муаллиф зимни фаъолияти сармоягузорӣ санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонида, барои танзими ин муносибатҳо хеле самаранок мебошанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ на танҳо рушди иқтисод, балки ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ бевосита ба ҷалби сармоя алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф тавассути ҷалби сармоягузорӣ масъалаҳои хусусияти ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоидошта ҳаллу фасл мегарданд. Сармоягузорӣ захираҳои иловагие ба ҳисоб меравонд, кибарои рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд. Ба қатори онҳо таҷҳизот, техника ва технологияи нав дохил шуда, ҳамзамон, бо ҷалби он ҷойҳои нави корӣ созмон дода шуда, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ бо шуғл ҳаллу фасл карда мешаванд. Бинобар ҳамин, дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ҷалби сармоягузориҳо барои давлати сармояқабулкунанда яке аз масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар рисола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки табиати ҳуқуқӣ ва моҳияти сармоягузориро таҳлил намуда, ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузориро аз лиҳози илмӣ асоснок намояд.

## Annotation

To dissertation of Bozorov  Radjab Baynazarovich on the theme of: “The theoretical issues of the legal regulation of investment in Republic of Tajikistan : conceptions and law enforcement", offered for degree of doctor of legal sciences presented for specialty 12.00.03.-civil Law; family law; entrepreneurial  Law; International private law

The dissertation of Bozorov Rajab Baynazarovich deals with issues about legal regulations of investment, according to the author’s opinion the stated belongs to the list of identifying  its positive solutions and normal functioning of national economy depends on their solutions, as the perspectives of its development directly correlates to the level of regulation of relations in investment field.   However from theoretical point of view au-

thor claims that a deep and substantial analysis has not been conducted, moreover most of legal regulation of investment issues remain not researched, which requires an adequate solution. The author states that attracting investments not only solves economical issues but also social issues, because according to the author's opinion investments are additional resources, first of all it is new equipment, technology, along with which, by means of their attraction, new jobs are created and problems related to public employment are solved. Therefore, in market relation conditions attracting investment gains significant, if not the main meaning for the economy of Republic of Tajikistan. The dissertation analyses the legal nature and the factors defining investment. The dynamics of investment legal relationship, subjects and objects of investment legal relationships are considered. The theoretical definition of the following words are given: "investment", "investment activities" "Investment contracts" "investment legal disputes", and variety of problems requiring scientific justification are shown. In conclusion, author exhibits a suggestion aimed at perfection of civil legislation of Republic of Tajikistan.